***Abstract***: This article is devoted to the study of modern youth participation in the political process in Russia and the various factors influencing the formation of youth activism. Youth is considered as a group, in which integration policy becomes a necessary element for the full development and the formation of public policy in the country.
***Keywords***: youth, younger generation, youth socio-political organizations, politics, youth political activity, political processes, political education, political self-awareness, political participation, integration

Молодежь как один из активных и динамично развивающихся элементов играет немаловажную роль в политической жизни государства, занимая при этом центральное место в социальной структуре общества. Она определяется по признакам возрастных характеристик, особенностям социального положения, характеру занятости, социально-психологическим свойствам. Романтизм, стремление к поиску истины, идеализация объективной реальности, самоутвер-

ждение, открытие своего «Я» и ряд других черт выделяют молодежь среди среднего и старшего поколений.

Как социальная группа молодежь крайне неоднородна. Существует различные молодёжные группы, каждой из которых присущи специфические черты, собственные интересы и жизненные ценности. Это дает основание сделать вывод о том, что в самом общем плане молодежь не представляет собой единой монолитной политической и идеологической силы. Отношение к молодежи всегда являлось актуальным для государства и общества, поскольку государству важно, насколько молодежь воспринимает жизнь данного общества и функционирование конкретного государства, что нового может внести молодое поколение в общественное развитие и деятельность страны. От того, какова позиция молодого поколения, каков ее облик, зависит социальное развитие общества, а нравственное здоровье молодых людей определяет судьбу и будущее народа.

Как показывает исторический опыт, молодежь более динамична, энергична, подвижна, готова на риск (иногда связанный с жизнью – *Д.Р.*), наполнена стремлением к активной политической жизни. Она всегда более активно реагирует на происходящие изменения в социально политической жизни общества, в отличие от старшего поколения быстрее усваивает идеи, взгляды, ценности, адаптируется к современным социально- экономическим реалиям.

Необходимо отметить, что под политическим участием понимаются действия, посредством которых рядовые члены общества влияют или пытаются оказать влияние на функционирование политической системы, формирование политических институтов и процесс выработки политических решений.

Одной из актуальнейших проблем современного таджикского общества является невысокая социальная и политическая активность таджикской молодежи. При этом для дальнейшего развития демократии и гражданского общества в Таджикистане необходимо, чтобы все слои населения, особенно молодёжь, принимали активное участие в политической жизни страны. Кроме того, привлечение молодежи к участию в общественно- политической жизни страны, государственной деятельности и управлению, использованию интеллектуального потенциала молодёжи сегодня – это одна из наиболее актуальных проблем для таджикского общества, которое соответствует стратегическим целям и задачам молодежной политики сегодняшнего Таджикистана.

Как утверждает И. Рахимов, сегодня пути решения проблем молодежи лежат в совершенствовании системы государственной молодежной политики, а также в решении фундаментальных вопросов развития таджикского общества [1, с.16].

Реализация поставленных целей требует решения следующих задач:

- обеспечение активного участия молодежи в общественно- политической жизни,
- способствование различных форм участия молодёжи в трансформационных процессах общества и реализации политических реформ,
- обобщение опыта работы молодежных организаций в активизации общественной и политической деятельности молодого поколения,
- освещение вклада молодёжи в развитие экономики, культуры и политики страны,
- раскрытие механизмов решения нравственных и духовных проблем молодежи в новых исторических реалиях, представление рекомендаций для ликвидации недостатков в данной сфере,
- представление путей дальнейшего повышения роли молодежи в общественно-политической, экономической и культурной жизни страны.

С целью реализации этих важных задач был принят Закон «О молодежи и государственной молодежной политике» (12.03.1992г.). Закон предоставлял молодежи немало возможностей для повышения их общественно-политической активности, определял не только «организационные и правовые основы участия

молодого поколения в социально-политической жизни страны, механизмы их воспитания, но и принципы, средства осуществления государственной политики в деле эффективного развития их умственных способностей, моральных и профессиональных качеств молодёжи» [ 2, с.6].

Другим важным правовым актом, который имел огромное значение в формировании самосознания молодого поколения Таджикистана, явилось принятие и осуществление на практике Национальной молодежной программы на период с 1999 по 2000 гг., которая стала первой целенаправленной комплексной программой, посвященной жизни и деятельности таджикской молодежи в период независимости.

Главными задачами принятия этих программ было «… улучшение социальных условий жизни молодежи, снижение уровня безработицы, уменьшение количества преступлений в молодежной среде, пропаганда здорового образа жизни, усиление чувства национальной гордости, развитие мировоззрения и политической бдительности молодежи» [3, с.36].

Нужно отметить, что активное участие молодёжи в социально- политической жизни страны способствует, прежде всего, формированию политического самосознания и политической культуры, повышению уровня правовых знаний и правового просвещения, накоплению у молодых людей конструктивных и организаторских навыков и умений, наличие которых играет существенную роль для включения молодежи в различные социальные преобразования.

Исходя из этого, важнейшим фактором развития демократического государства и построения гражданского общества, на наш взгляд, во многом зависит от активного участия молодежи в общественной жизни и повышении ее роли и вклада в общественно-политическую, социально-экономическую и культурную жизнь страны. В соответствие с этим нужно отметить, что только молодежь, как наиболее динамичная часть общества способна настроиться на кардинальную ломку стереотипов мышления, поскольку именно ей предстоит радикально изменить не только общественное сознание и мировоззрение, но и образ жизни, экономический и социальный уклад, политическую систему и духовную жизнь общества.

С другой стороны, роль и место молодежи в общественно- политических процессах определяются степенью ее готовности и наличием способности к разнообразному участию в процессах общественного и государственного развития. При этом цели, которые преследует молодежь, весьма разнообразны. Ближайшие цели, к которым стремятся молодые участники политического процесса – «влияние на власть, взаимодействие в процессе управления, приобретение навыков государственного управления» [4, с.81].

Нужно отметить, что на сегодняшний день в Таджикистане по-разному оценивают степень вовлечения современной молодежи в политические процессы. Некоторые оппоненты утверждают, что таджикская молодежь негативно настроена, отрицательно воспринимает развитие политической ситуации в стране, не видит для себя возможности оказать влияние на политические процессы, поэтому пассивна и аполитична.

Сегодня стало «модным» обвинять действующую власть в бесполезности и ненужности проведения молодежной политики, в том числе, в части включения молодых людей в качестве равноправных партнеров в общественно-политические процессы общества. При этом, сами они также проводят молодежную политику, только другую, «удобную», используя молодежь только как средство достижения своей политической выгоды.

Поэтому на сегодняшний день, одним из приоритетных направлений в области молодежной политики стал вопрос о поддержке молодого поколения, ее привлечение к созидательному, активному участию в жизни общества и государства, воспитание инициативной, талантливой молодежи, которая сумеет реали-

зовать свои интересы, желает получить достойное образование, практические навыки в различных сферах общественной жизни. Более того, сформировать из числа молодёжи костяк, способный использовать свой потенциал в деле модернизации страны, повышение вклада молодого поколения в развитие политических, социально-экономических и культурных процессах, повышение духовных и нравственных качеств молодежи, раскрытие их возможностей, формировании у них гражданского самосознания и активной гражданской позиции, и наконец, эффективное использование средств массовой информации в деле освещения и пропаганды вклада молодого поколения в построении действительной независимости Республики Таджикистан.

С другой стороны, социально-экономические и политические изменения, происходящие в таджикском обществе, серьезно отражаются и на политическом поведении самого молодого поколения. Сегодня молодежь сама начинает осознавать, что политикой должны заниматься не только люди более зрелого возраста, достигшие определенной иерархической ступени, но и молодое поколение, а также важность использования политических рычагов во благо народа и развития общества. Молодежь теперь сама идет в политику, и процесс этот носит уже глобальный характер. По мнению Л.А. Рахимовой, «Молодежь должна быть не только объектом интеграционных процессов, но и субъектом, способным ускорять или замедлять интеграцию общества либо изменять направленность этого процесса» [5, с.12]. Молодёжь сама начинает понимать это. Объясняется это, по крайней мере, следующими обстоятельствами:

Во-первых, этот процесс наблюдается в возросшем интересе молодежи к политике и активизации политического сознания молодежи, которое находит свое выражение в интенсивном обсуждении острых общественных вопросов и в критической проверке предлагаемых различными политическими силами ответов на эти вопросы.

Во-вторых, стремление самим разобраться в действительном положении дел приводит к тому, что социальное мышление молодых людей, ориентированных ранее на решение личных потребительских проблем быта и будней, все больше начинает переплетаться с политическим мышлением, которое порождает новые потребности, интересы и ценности.

В-третьих, повышение информированности общества о политических процессах непосредственно сказывается на образе мыслей и действиях молодых людей, в результате чего, уменьшается их конформизм, переоцениваются традиционные схемы объяснения социальных противоречий, ведутся поиски новых радикальных решений возникающих проблем [6, с.47].

Следует отметить, что в настоящее время политическая активность молодежи – это индикатор процессов, происходящих в обществе. Сейчас молодежь в нашей стране – это большая, а самое главное, растущая сила. А поэтому многие задумываются над тем, как сделать так, чтобы сила эта содействовала развитию нашей страны, развитию политической системы.

Молодежь придает динамику развитию страны, является залогом позитивных перемен в обществе. Хотя существует и прямо противоположное мнение. Поэтому напрашивается вопрос «Нужна ли молодежь в политике?». Безусловно, да и на наш взгляд, этому есть объяснение. Для того, чтобы политическая система страны не застаивалась, постоянно происходило ее обновление и модернизация, появлялись новые политические лидеры, новые идеи, необходима постоянная ротация кадров, что невозможно без привлечения во власть молодежи. И здесь возникает, пожалуй, самый важный вопрос - вопрос поиска эффективных механизмов, позволяющих обеспечить это процесс.

Как отмечает Лидер нации, Президент Таджикистана, уважаемый Эмомали Рахмон, - «Сегодняшняя наша молодежь, то есть поколение периода независимо-

сти, коренным образом отличается от прежних поколений своим мировоззрением, уровнем мышления, этикой и моралью, что является предметом нашей гордости» [7, .с.15]. Иными словами, молодежь – это будущее страны, поэтому ей необходимо участвовать в политической жизни, влияя на повышение уровня жизни.

Участие молодежи в политической жизни общества имеет ряд особенностей. Они связаны с сущностными характеристиками этой социально-демографической группы, с тем специфическим местом, которое занимает молодежь в общественной жизни.

Реализуя свои основные социальные функции: воспроизводственную, инновационную, трансляционную, молодежь обретает тем самым, социальную зрелость, проходит стадию становления в качестве субъекта общественных отношений. Подобное проявление социального качества молодежи связано со спецификой ее социального положения и определяется закономерностями процесса социализации в конкретных общественных условиях.

Это объективно накладывает отпечаток на формы и степень участия молодежи в политической жизни и определяет ее особенности как субъекта политических отношений.

Первая особенность связана с незавершенностью становления собственной субъектности в социально-политических отношениях, так как «молодежь — не ставший, а становящийся субъект общественных, в том числе, политических отношениях».

Вторая особенность молодежи как субъекта политических отношений определяется спецификой ее социального положения. Оно характеризуется неустойчивостью, подвижностью позиций молодых людей в социальной структуре, относительно невысоким социальным статусом, ограниченностью социальных связей. Это ставит молодежь в неравное положение с экономически и социально более продвинутыми группами. Тем самым, создается благоприятная среда для возникновения разного рода социальных конфликтов, приобретающих нередко политическую окраску.

И наконец, третья особенность связана со спецификой молодежного сознания (лабильностью, трансгрессивностью, экстремальностью), обусловленной как возрастом, так и положением молодежи как социальной группы.

Лабильность сознания проявляется в недостаточной твердости жизненных установок, неопределенности социальных ориентаций, поскольку социальные позиции не приобрели устойчивой формы, а процесс формирования собственных нравственных убеждений, которые составляют стержень сознания, еще не завершен.

Трансгрессивность - это способность сознания преодолевать барьеры между существующим и новым для себя пространством, переносить образцы будущего в свою жизнь.

Сознание молодежи легко поддается влиянию различных факторов, особенно существенное влияние на сознание молодежи оказывают национально-этнические, религиозные и другие социокультурные факторы. На активность молодежи очень сильно влияет также правовая культура, уровень политического самосознания и воспитания, именно они и определяют уровень, глубину участия молодежи в политической жизни страны.

Под их воздействием происходят осознание молодыми людьми собственного положения в обществе и консолидация групповых интересов. Тогда молодежь становится политической силой.

Таким образом, «участие молодежи в политической жизни общества представляет собой особую форму консолидации ее групповых интересов, отражающих осознанные особенности собственного социального положения, роли и места в обществе и способ их реализации».

Для современного таджикского общества характерно многообразие форм участия молодёжи в социально-политической жизни. Понимаемое как вовлеченность в той или иной форме человека или социальной группы в по-

литико-властные отношения, в процесс принятия решений и управления, политическое участие является важным компонентом политической жизни общества. Оно может служить средством достижения определённой цели, удовлетворения потребности в самовыражении и в самоутверждении, реализации чувства гражданственности.

В политической жизни современного таджикского общества выделяются следующие формы политического участия молодёжи.

*Участие в голосовании.* Политический статус молодёжи определяется реальными, а не формально предоставляемыми возможностями оказывать влияние на расстановку политических сил в обществе через участие в голосовании. Ему предшествуют участие в обсуждении предвыборных программ политических партий, кандидатов в депутаты в местные и центральные органы власти, а также непосредственное участие в выборах.

Другими формами является **с**оздание молодёжных организаций, движений, а также участие в них**.** Определённую часть своего времени молодые люди проводят в кругу сверстников, поэтому вполне объяснимо их стремление к объединению в организации. Неоднородность политического сознания молодых людей, многообразие политических ориентаций и интересов отразились в появлении в последнее десятилетие большого количества разнообразных по направленности молодёжных объединений, в том числе и политических.

Однако эти движения пока заметное влияние на политическую жизнь не оказывают. Большинство молодёжных объединений избегает постановки политических целей и четкого определения политических ориентаций, хотя они, так или иначе, выступают как группы интересов

Участие в деятельности политических партий. Эта форма политического участия молодёжи направлена на воспроизводство и обновление политической структуры общества. В условиях социальной стабильности она является важным фактором социализации подрастающих поколений. В кризисных ситуациях, как правило, интерес к молодёжи со стороны политических партий возрастает. Такая тенденция имеет место и в таджикском обществе. Однако подобный интерес в Таджикистане ограничивается лишь предвыборными кампаниями.

Представительное участие молодежи в органах власти находит практическое выражение в реализации групповых интересов молодых людей с помощью ее представителей в органах власти.

Таким образом, в настоящее время старшее поколение политически намного активнее, чем молодежь, но и те и другие видят свою политическую роль главным образом, в качестве электората. Однако в течение последнего времени наблюдается тенденция участия молодых людей в проведении избирательных кампаний в качестве волонтеров.

Также необходимо отметить высокий уровень участия в деятельности общественных организаций, политических партий и профсоюзов в среде студентов. Несмотря на это, государственной молодёжной политике необходимо разработать механизмы вовлечения молодёжи в процессы демократизации общественной жизни, участию в общественно-политической жизни страны, формированию новой культуры, основанной на толерантности, терпению к инакомыслию, гуманитарным ценностях и принципам защиты прав и свободы человека и гражданина и т.п.

Подводя итоги, хочется отметить, что политическая активность молодежи представляет собой один из важнейших факторов развития политической системы и становления государственности в целом. Для повышения участия молодежи в политике и политических процессах необходимо внедрить четкую и структурированную систему пропагандисткой работы по формированию национальной идеологии, начиная со школьной скамьи.

Что же касается возраста постарше, необходимо менять мировоззрение и взгляды людей путем реальных примеров

контроля за политиками и политическими решениями, привития правильного политического воспитания и проведения честных, а главное, добровольных политических мероприятий, основанных на национальной идеологии.

Таким образом, важнейшей функцией современных молодых людей выступает ответственность за будущее отечество, преемственность истории и культуры, воспроизводство нового поколения.

От осознания этой меры ответственности молодежью зависит развитие всего таджикского общества в будущем.

## Использованная литература


1. Рахимов И. Формирование государственной молодёжной политики в Республики Таджикистан. - Душанбе. 2002. - С.16.
2. Закон Республики Таджикистан «О Государственной молодежной политики» (12.03.1992г.). Национальная молодежная программа на период с 1999 по 2000 гг. ( 5 октября 1998г.)
3. Ашурова С. Государственная молодёжная политика Таджикистана: состояние и перспективы. - Душанбе. 2002. - С.36.
4. Асадуллоев Р.Н. Молодёжь в процессах демократизации общественной жизни. - Душанбе. 2004. - С.81.
5. Рахимова Л.А. Политическая социализация молодёжи: механизм и модели // Автореф. Дис.канд. пол. наук.- Уфа. 2006. - С.12.
6. Хусейнов А.К. Формирование мировоззрения молодёжи в условиях демократизации общества. - Душанбе. 2007. - С.47.
7. Эмомали Рахмон. Молодёжь - созидатель будущего общества. - Душанбе. 2008. - С.15.

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН КАФИЛИ ТАЪМИНИ ШАРОИТИ ЗИНДАГИИ АРЗАНДА

# ОБРАЩЕНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ГАРАНТ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ДОСТОЙНОЙ ЖИЗНИ

# APPEALS OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS A GUARANTOR OF ENSURING A DIGNIFIED LIFE



**САИДЗОДА ЗИКИРУЛЛО АЛӢ**
*муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ӯ низ сардори факултети № 4, номзади илмҳои ҳуқуқ (12.00.01),*
*полковники милитсия*

***Аннотатсия:*** Дар мақола масъалаи афзоиши сатҳи зиндагии мардум дар қиёс бо соли 2011 мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф собит месозад, ки баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии мардум яке аз ҳадафҳои асосии давлат мебошад.
***Вожаҳои калидӣ:*** паём, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, стратегияи дурнамо, соҳаи иҷтимоӣ, истиқлолияти энергетикӣ, идеологияи миллӣ.

***Аннотация:*** В статье автор попытался рассмотреть проблему социального положения народа, проанализировал ситуацию по сравнению с 2011 годом. Автор утверждает, что повышение социального уровня народа является основной целью государства.
***Ключевые слова:*** обращение, снижение уровня бедности, социальная отрасль, энергетическая независимость, национальная идеология.

***Annotation:*** In the article the author tried to consider the problem of the social situation of the people, analyzed the situation in comparison with 2011. The author claims that raising the social level of the people is the main goal of the state.
***Keywords**:* treatment, poverty reduction, social sector, energy independence, national ideology.

*Таъмин намудани шароит барои зиндагии арзандаи сокинони кишвар ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мебошад ва мо тамоми захираву имкониятҳоямонро барои расидан ба ин ҳадаф сафарбар мекунем.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр шудааст, ки пас аз барқарори ваҳдати миллӣ дар саросари кишвар талошҳои давлат пеш аз ҳама ба барқарор ва ташаккули ҳокимияти конститутсионӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохтори низомӣ равона гардида буд.

Воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта дар натиҷаи таззоди мафкуравии ҷомеа ба миён омада, сабаби парокандагии миллат, нобасомониҳо ва низоъҳои дохилӣ гашта кишварро ба даҳсолаҳо қафо гузошт. Аз тарафи дигар, ин омилҳо дар баъзе аз қишрҳои ҷомеа заминаи раднамоии фарҳанги аҷдодӣ ва парастиши фарҳанги аҷнабӣ гардида, ҷомеаро ба порчаҳо ҷудо менамуданд.

Хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар ва таъмини якпорчагии мардум яке аз заминаҳои асосӣ барои рушду нумӯ дар солҳои минбаъда мебошад [4, с.5].

Дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки «…Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [1, с.3].

Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои муайян сохтани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон равона шуда, он ифодакунандаи муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар ҷомеа ва заминаи ташаккулёбӣ барои ҳаёти арзандаи ҳар як шаҳрванди муқими сарзамини биҳиштосо мебошад.

Маҳз заҳмату талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки тадриҷан муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфта, ба ҳаёти тоҷикистониён рангу таровати нав бахшид.

Коркарди стратегияи дурнамойӣ рушди давлат яке аз пояҳои асосии тараққиёт дар солҳои минбаъда гардида, барои мардум зиндагии бомарумандро муайян намуд. Аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, таъмин ва захираи озуқа ба аҳолӣ ва ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ имрӯзҳо аз самтҳои муҳими давлат буда, ба давраи нави муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ гузаштани Тоҷикистони соҳибистиқлолро муайян кардааст [5].

Ҳанӯз зимни Суханронии хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ (8 сентябри соли 2011) қайд карда буд, ки «дар тӯли даҳсоли охир зиёда аз 150 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 12 миллиард сомонӣ ва 200 лоиҳа бо ҷалби сармояи мустақим амалӣ шудааст». Маҳз ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ барои ба истифода додани корхонаҳои саноатӣ, коркарди металлҳои қиматбаҳо ва ранга, масолеҳи сохтмон ва коркарди канданиҳои фоиданок дар худуди ҷумҳурӣ сарчашмаи баланд бардоштани соҳаҳои иҷтимоии ҷомеа ва яке аз ҳадафҳои асосии давлат маҳсуб меёбад.

Имрӯзҳо корҳои созандагиву бунёдкорӣ аз тарафи давлату Ҳукумати Тоҷикистон ба баланд шудани буҷети давлатӣ асос гузошта, барои некӯаҳволии мардум шароитҳои мусоид ба бор овардааст. Бо шарофати ин корҳо ҳазорҳо нафар бо кор таъмин гардида, сатҳу сифати зиндагии мардум тадриҷан боло рафта, дар байни ноҳияҳову минтақаҳо дӯстиву рафоқат ва якпорчагии мардум ба миён омадааст.

Таваҷҷуҳи сарвари давлат ба масъалаҳои иҷтимоӣ имконият додааст, ки музди меҳнат дар муддати 20 соли охир 60 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 85 баробар афзояд ва боиси се баробар паст шудани сатҳи камбизоатӣ гардад.

Баланд бардоштани соҳаи маориф яке аз масъалаҳои муҳим ва ояндаи давлат маҳсуб дониста шудааст. Дар асоси «Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015» ҳамаи муассисаҳои таълимӣ азнавсозӣ ва бунёд карда шудаанд. Дар баробари ин тадбирҳои андешидаи Пешвои миллат нисбати қадрдонӣ ва ҳавасмандкунии муаллимон, муайян кардани имтиёзҳо, андешидани чораҳои созанда барои кадрҳо имконият фароҳам овардааст, ки муаллим рисолати хешро содиқона адо намуда, ҷавононро дар руҳияи ватандӯстиву садоқатмандӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ тарбия намояд.

Соҳаи маориф яке рукнҳои асосии рушд ваояндасози кишвар аст. Фақат дар соли 2016-ум 201 биноҳои таълимӣ бунёду аз тармим бароварда шуда, барои 39 ҳазор ҷойи нишаст муҳайё карда шудааст. Бо баробари зиёд гардида-

ни миқдори аҳолӣ ва баланд шудани талаботи мардум ба соҳаҳои маориф ҳоло дар кишвар 39 макотиби олӣ ва 170 ҳазор донишҷӯён таҳсил карда истодаанд. Бояд зикр намуд, ки дар бештари кушодашавии ин муассисаҳои таълимӣ худи сарвари давлат ширкат варзида, барои ҷалби ҷавонон ба донишандӯзӣ ҳар сол дарси Сулҳу Ваҳдат гузаронида, аз ҳолу аҳволи ҷавонон аз наздик шинос мегарданд [4].

Баланд бардоштани музди меҳнати кормандони буҷетӣ имконият медиҳад, ки некӯаҳволии мардум ба танзим оварда шавад. Бисёр хуб аст, ки музди меҳнати кормандони буҷетӣ 2 баробар ва нафақахӯрон 1,6 баробар афзудааст.

Соҳаи иҷтимоӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҳукумат қарор дошта, сол аз сол ба ин масъала маблағгузориҳо афзун карда мешаванд. Барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ фақат дар соли 2016 – ум 52 фоизи хароҷоти буҷет, ё ин ки 8,1 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Агар ба Суханронии сарвари давлат бахшида ба 20 солагии Истиқлолияти давлатӣ (8 сентябри соли 2011) назар андозем, даромади буҷети давлатӣ дар соли 2011 – ум 8,3 миллиард сомониро ташкил медод. Яъне дар соли сипаришуда қариб тамоми буҷети соли 2011 ба соҳаи иҷтимоӣ сарф шудааст. Ҳамин далел низ собит месозад, ки дар муддати панҷ соли охир сатҳи иҷтимоии аҳолӣ то кадом дараҷа боло рафтааст.

Қабули барномаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» имконият медиҳад, ки дар оянда ба ҳадафҳои олии иҷтимоӣ расида, ҳар шаҳрванд зиндагии арзанда дошта бошад.

Ба андешаи мо ғайр аз рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар зиндагии арзандаи ҳар як шаҳрванди тоҷикистонӣ бояд аз маърифати ҳуқуқӣ сарчашма бигирад. Дар баробари баланд бардоштани соҳаи иҷтимоии ҷомеа хеле бамаврид аст, ки сарвари давлат ба тарбияи ҷавонон дар мактабҳо аҳамияти хоса дода, омӯзиши ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» тақозо намуданд.

Барои баланд бардоштани соҳаи иҷтимоии ҷомеа махсусан истиқлолияти энергетикӣ нақши муҳимро мебозад. Дар суханронии хеш сарвари давлат таъкид ба амал оварданд, ки «вазифаи асосии Ҳукумат дар солҳои наздик ба таври устувору доимӣ таъмин намудани ҳамаи истеъмолкунандагон бо нерӯи барқ…» [2] мебошад. Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми кишвар (аз 13 январи соли 2017) таъмини аҳолӣ шабонарӯзӣ бо нерӯи барқ боз як бор ифшогари мақсаду мароми поки сарвари давлатро баҳри сулҳу осоиш, корҳои созандагиву бунёдкорӣ ва баланд бардоштани зиндагии арзанда дар ҳар оилаи тоҷикистонӣ муайян намуд.

Имрӯзҳо талошҳои Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба он равона шудааст, ки бо мақсади зиндагии оромму осоиштаи аҳолӣ, бо баробари муҳайё намудани шароити корӣ аз кормандони МКД дониши ҳаматарафаи ҳуқуқӣ, маҳорату малакаи касбӣ тақозо карда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати мардумро ба масъалаи зарурати кадрҳои баландихтисос дар тамоми ҷодаҳои тараққиёти кишвар ҷалб намуда, аз Вазорати маориф ва илми кишвар даъват ба амал оварданд, ки «Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем» [2].

Аз ин хотир азхудкунии илмҳои муосир барои хонандагону донишҷӯён аз омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҷалби ҷавонон ба фанҳои дақиқ оғоз мешавад. Махсусан, диққати ҷиддӣ додан ба касбомӯзии ҷавонон ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ ҳамчун яке аз арзишҳои волои инсонӣ баҳогузорӣ гардид.

Дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмини муассисаҳои таълимиро бо мутахассисони баландихтисос яке аз рукнҳои пешравии ҷомеа донистаанд [2]. Дар партави ин суханҳо дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбия ба курсантону шунавандагон аҳамияти ҷиддӣ дода шуда истодааст. Дастгирии ҳаматарафаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро доир ба масъалаҳои баланд бардоштани дониши курсантон, ташкили чорабиниҳои сатҳи гуногун аз қабили конференсияҳо, мизҳои мудаввар, викторинаҳо, вохӯриҳо, шабнишиниҳои илмӣ, мусобиқаҳои варзишӣ дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромада, ҳайати кормандони ин муассисаи таълимӣ кӯшиш карда истодаанд, ки барои кишвар мутахассисони варзида омода созанд.

Дар радифи Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати кормандону омӯзгорони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтаанд, ки баҳри таъмини волоияти қонун, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ тамоми маҳорату малакаи хешро барои омодасозии кадрҳои ҷавони болаёқат сарф менамоянд, то ҳар як шаҳрванди тоҷикистонӣ зиндагии арзандаву пурсаодат дошта бошад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе: Ирфон, 2012. -160 с.
2. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 22.12.2016 // Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj/node/13739 (санаи муроҷиат - 12.03.2017).
3. Ятимов С. Унсурулмаолии Кайковус дар бораи хирад. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 152 с.
4. Ятимов С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 192 с.
5. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 144 с.

# ТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАИ НАНГОВАРИ ҶАҲОНИ ИСЛОМ ВА БАШАР

# ТЕРРОРИЗМ КАК ПОЗОРНОЕ ЯВЛЕНИЕ ИСЛАМСКОГО МИРА И ЧЕЛОВЕЧЕСТВА

# TERRORISM AS A SHAMEFUL PHENOMENON OF THE ISLAMIC WORLD AND HUMANITY



**САИДОЛИМ КОМИЛҶОН**
*ноиби ректори Донишкадаи Исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абӯҳанифа, номзади илмҳои филология (10.01.03)*

***Аннотатсия***: Дар мақолаи худ муаллиф зуҳуроти нанговари ҷаҳони муосир - терроризмро, ки онро нофаҳмида ба Ислом иртибот мекунанд, кӯшиш намудааст аз нигоҳи арзишҳои дини Ислом ва афкори бузургони ҷаҳони исломӣ баррасӣ намуда, пок будани Исломро аз ин падидаи номатлуб исбот мекунад.
***Вожаҳои калидӣ:*** Ислом, терроризм, Мавлоно Румӣ, президент, Тоҷикистон ва диг.

***Аннотация***: В статье автор попытался рассмотреть одно из позорных явлений современного мира– терроризм, который, ошибочно пытаются приписать Исламу. Автор рассматривает данный вопрос через призму исламских ценностей и взглядов великих ученых исламского мира, доказывая отсутствие какой-либо связи Ислама с терроризмом.
***Ключевые слова:*** Ислам, терроризм, Мавляна Руми, президент, Таджикистан и др.

***Annotation***: In the article the author tried to consider one of the shameful phenomena of the modern world - terrorism, which, erroneously, is attributed to Islam. The author considers this issue through the prism of Islamic values and views of the great scholars of the Islamic world, proving the absence of any connection between Islam and terrorism.
***Keywords***: Islam, terrorism, Mavlyana Rumi, President, Tajikistan, etc.

Яке аз мутафаккирони барҷаста ва оламшумул, ки мақоми ҷаҳониро касб кардааст, Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ маҳсуб мешавад, ки ҳанӯз ҳашт қарн пеш дар "Маснавии маънавӣ"-и хеш дар робита ба маҳкум намудани афроди ситамгару бадгуҳар ва бераҳму шафқат фармуда буд:

*Воситон аз дасти девона силоҳ,*
*То зи ту розӣ шавад адлу салоҳ.*
*Чун силоҳаш ҳасту ақлаш на, бибанд*
*Дасти ӯро, в-ар на, орад сад газанд.*
*Бадгуҳарро илму фан омӯхтан,*
*Додани тег аст дасти роҳзан.*
*Тегдодан дар кафи зангии маст,*
*Беҳ, ки ояд илм нокасро ба даст.*
*Илму молу мансабу ҷоҳу қирон,*
*Фитна омад дар кафи бадгавҳарон.*
*Пас, газо з-ин фарз шуд бар мӯъминон,*
*Тоситонанд аз кафи Маҷнун синон.*
*Ҷони ӯ Маҷнун, танаш шамшери ӯ,*
*Воситон шамшерро з-он зиштхӯ.*
*Он чӣ мансаб мекунад бо ҷоҳилон,*
*Аз фазиҳат кай кунад сад Арслон?*
*Айби ӯ махфист, чун олат биёфт,*
*Мораш аз сӯрох бар саҳро шитофт.*
*Ҷумла саҳро мору каждум пур шавад,*

*Чунки ҷоҳил шоҳи ҳукми мур шавад.*
*Молу мансаб нокасе, к-орад ба даст,*
*Толиби расвоии хеш ӯ шудаст...*
*Ҳукм чун дар дасти гумроҳе фитод,*
*Ҷоҳ пиндоред дар ҷоҳе фитод...*
*Мар сияҳрӯёни динро худ ҷиҳез,*
*Нест илло ҳилату макру ситез* (Маснавӣ, саҳ. 378, 190).

Ҳар кирдор ва ё фаъолияти террористӣ, новобаста аз он ки аз ҷониби кӣ содир мешавад, таъсири манфури худро пеш аз ҳама, ба ҳаёти инсоният ва осоиштагии он мерасонад. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бахусус миллатҳои соҳибтамаддун, ҳеч кадом аз аъмоли террористӣ, новобаста аз омилу аҳдофашон, ба таври қотеъ наметавонад қобили пазириш бошад. Террор ҳеч гоҳ наметавонад ба ҳайси яке аз навъҳои ҷангҳои озодихоҳӣ эътироф гардад, зеро натиҷаи ҳалокатбори он аксар мардуми бегуноҳ қарор мегиранд. Ин навъи амали ғайриинсонӣ, ки дар чанд қарни охир бар саҳафоти таърихи инсонӣнақши манфӣ гузоштааст, пеш аз ҳама, ба худи андаркоронаш зиёнбор омад, бо вуҷуди он ки афроди бегуноҳ низ аз ҳаёт маҳрум гардиданд. Аз ин нуқтаи назар, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз лаҳзаҳои аввалини фаъолияти хеш ба сифати сардори давлат, то имрӯз, динро аз ифротгароиву сиёсатбозиҳо, аз истифодаи қувваҳои зинафъ дур намуда, покизагию муқаддасоти дини мубини Исломро дар дохил ва хориҷи кишвар ҳифз намуда истодааст.

Аз ҷумла, дар мулоқоти VIII-уми Сарони кишварҳои узви Созмони конфронси исломӣ (Теҳрон, декабри соли 1997), иброз дошта буданд, ки: «Падидаи нанговари ҷаҳони ислом - терроризм яке аз он зуҳуротест, ки ба нуфуз ва эътибори дини ислом дар арсаи байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонад» [1, с.275].

Ҳамчунин дар Иҷлосияи IX-уми мулоқоти сарони давлатҳо ва Ҳукуматҳои кишварҳои узви Созмони конфронси исломӣ (Қатар, 13-уми ноябри соли 2000) Президенти кишвар таъкид намуданд, ки: «Мо дар кишварамон, ки даҳшатҳои ифротгароӣ ва терроризми ифротгароиро дида ва аз сар гузаронидааст, фарқ кардани дини мубини исломро аз ҳамагуна зуҳуроти ба он бегона омӯхтем. Мо барои сохтани ҷомеае, ки дар он навгониҳо бо суннатҳо ва маънавиёти беш аз ҳазорсола ҳамнавохт мебошанд, талошҳои зиёде кардем, то ин ки Тоҷикистонро аз ҳар гуна ифротхоҳиҳо наҷот диҳем» [2, с.463].

Амалҳои террористие, ки дар Покистону Ироқу Сурия, Афғонистону Сомалӣ ва амсоли ин кишварҳо аз ҷониби ҷинояткорон анҷом дода шуданд, як кирдори манфуру ғайриинсонӣ маҳсуб гардида, боиси қатли ҳазорон мардуми бегуноҳ гардидаанд. Ба чунин кирдори номатлубу зишт танҳо афроди нопокзодае, ки дар вуҷудашон заррае раҳму шафқат нест, даст зада метавонанду бас.

Маълум аст, ки ҷиноят миллату марз надорад ва инсоне, ки аз маъниву муҳтавои Қурьони карим бархурдор аст, набояд ба тахрибу куштор ва вахшоният даст занад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз мусоҳибаҳои хеш дар рӯзномаи мисрии «ал-Мисри-л-явма» (аз 31-уми августи соли 2009) ба муносибати ба забони арабӣ нашр шудани китоби сеҷилдаи «Тоҷикон дар оинаи таърих», иброз дошта буданд, ки: «Қуръони Карим дар рӯҳияи ҳар як мусулмон таъсири амиқ дорад, агарчи тарҷумашуда ҳам бошад. Дар ҳақиқат, ман дар муддати солҳои зиндагӣ ин одатро пешаи худ қарор додаам, ки он зеҳни маро мусаффо ва барои андешаронӣ қавитар мегардонад ва аз ғаму мушкилоти рӯзгор бароям роҳате мебахшад. Инчунин ба такрор хондани ин китоб бароям маъниҳои амиқеро ато намуда, бардавом ақлу шуури маро боз менамояд. Дар ҳақиқат, ин муъҷизаи Худованд дар рӯи замин аст».

Агар кас ба маъонии оятҳои Қурьони маҷид, таърихи дини мубини Ислом ва корномаҳои Паёмбари акраму ёрони ӯ назар афканад, мунсифона эътироф мекунад, ки пайравони воқеии ин дини илоҳӣ саропо силаи раҳм буда, ба ҳеҷ махлуқе дар асоси фармудаҳои Худованди раҳмон расонидани зарару зиёнро раво намедоштанд ва имрӯз низ ин шиъор барои мусалмони воқеӣякеазмуҳимтарин дастуруламали зиндагӣ қарор дорад. Чунончи Худованди меҳрбон дар каломи муқаддасаш Қурьони карим дар ин маврид фармудааст:

1. “Худо заррае ҳам (ба касе) зулм намекунад. Агар некие бошад, онро ду баробар мекунад ва аз ҷониби худ (ба шахси некӯкор) музде бузург медиҳад” (Сураи “Нисо”, ояти 40).

2. “Ва ҳар кӣ мӯъминеро бар қасд бикушад, ҷазои у ҷаҳаннам аст, ки дар он абадӣ хоҳад буд ва Худо бар ӯ хашм гираду лаънаташ кунад ва барояш азобе бузург омода созад!” (Сураи “Нисо”, ояти 93).

3. “(Мо) Рӯзи қиёмат тарозӯҳои адлро омода мекунем ва ба ҳеҷ кас ситам намешавад. Агар амале ба сангинии як хардал ҳам бошад, ба ҳисобаш меоварем (ва сазову ҷазои онро медиҳем), ки мо ҳисобкарданро басандаем!” (Сураи “Анбиё”, ояти 47).

4. “Бигӯ: (эй Расул)«Парвардгори ман, зиштковиҳоро чӣ ошкор бошанд ва чӣ пинҳон ва низ гуноҳону афзунӣ ҷустан ба ноҳақро ҳаром кардааст ва низ ҳаром аст, чизеро шарики Худо созед, ки ҳеҷ далеле бар вуҷуди он нозил нашудааст ё дар бораи Худо чизҳое бигӯед, ки намедонед”.

5. «Аммо онон, ки имон овարданд ва корҳои нек карданд, Худо муздашонро батамомӣ хоҳад дод. Худо ситамкоронро дӯст надорад!” (Сураи “Оли Имрон”, ояти 57).

6. “Мо барои ситамкорон оташеро, ки лаҳиби (шуълаи) он ҳамаро дарбар мегирад, омода кардаем ва чун ба истиғоса (додхоҳӣ) об хоҳанд, аз обе чун миси гудохта, ки аз ҳарораташ чеҳраҳо кабоб мешавад, бихӯронандашон, чӣ оби баде ва чӣ оромгоҳе бад!”

7. Рӯзе, ки золим дастони худро ба дандон газад ва гӯяд: «Эй кош, роҳеро, ки Расул дар пеш гирифта буд, дар пеш гирифта будам. Вой бар ман, кош фалонро дӯст намегирифтам бо он ки Қуръон барои ман нозил шуда буд, маро аз пайравиаш бозмедошт...” (Сураи “Фурқон”, оёти 27-29).

Ин оятҳои Қурьон ва садҳо оёти дигар гувоҳи онанд, ки Худованд зулму ситамро дӯст намедорад ва мусалмони воқеӣ аз қатли ба ғайри ҳақ ва террор мутанаффир аст, террорист мусалмон ва мусалмони воқеӣ ҳеҷ гоҳ террорист буда наметавонад, балки мӯъмини асил ҳамонест, ки ҳама вақт ва ҳамзамон рамзи сулҳу салоҳ ва муҳаббату бародарӣ бошад.

Аллома Муҳаммад Иқбол, ки аз зумраи бузургон ва машҳуртарин суханварони форсизабону мутафаккирони исломии нимаи аввали қарни XX маҳсуб шуда, бо осори ғановатманду пурмазмун ва саршори ғояҳои олии инсондӯстии худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ машҳур аст, чи хуб фармуда:

*Фитрати муслим саропо шафқатаст,*
*Дар ҷаҳон дасту забонаш раҳматаст...*
*Тинати поки мусалмон гавҳараст,*
*Обутобаш аз ями Пайғамбараст...*
*Войи қавме, куштаи тадбири ғайр,*
*Кориӯтахрибихуд, таъмиригайр.*
*Мешавад дар илму фан соҳибназар,*
*Аз вуҷуди худ нагардад бохабар.* (Куллиёт, саҳ.140, 141, 600).

Аз ду санади бузург ва эътирофшудаи фарҳанги исломӣ – Қурьони карим, аҳодиси саҳеҳи Паёмбар (с.) ва мероси арзишманди орифону шоирон ва мутафаккирону ҳакимони тоҷику форс чунин бармеояд, ки ин оини муқаддас ба ҳаёти инсон назару эътибори хос дошта, онро дахолатнопазир мешуморад. Дар он ҳуқуқ ба зиндагӣвадахолатнопазириишахсиятяк арзишиоливумуқаддас эътироф гардидааст.

Афроди нохудогоҳу шарир мубталои нафси аммора ва ҳавову ҳавасанд ва бад-ин васила, бозичаи дасти дигарон мешаванд. Дар ин бора низ Аллома Иқбол мегӯяд:

*Нафси ту мисли шутур худпарвар аст,*
*Худпарасту худсавору худсар аст.*
*Мард шав, овар зимоми ӯ ба каф,*
*То шавӣ гавҳар, агар бошӣ хазаф.*
*Ҳаркӣ бар худ нест фармонаш равон,*
*Мешавад фармонпазир аз дигароп.*
(Куллиёт, саҳ. 56).

Ба ҳамагон возеҳ аст, ки баъди амали террористие, ки 11-уми сентябри соли 2001 дар Иёлоти муттаҳидаи Америка рӯй дод, мардумони ноогоҳ ва фарсаххо дур аз маърифати исломӣ, бинобар сабаби кирдори номатлуби ҳамон афроди ба ном “мусалмон”-и террористу худкуш, ба муҳокимаи робитаи байни Ислом ва терроризм пардохтанд, ки гӯё ин гуна амалҳо дар иртибот бо дастуроти исломӣ сурат мегирифта бошад. Албатта, ин ғалати маҳз аст, зеро дар ягон адёну кутуби илоҳие, ки аз даври Одам (а) то ҳазрати Муҳаммад (с.) вуҷуд доранд, тавсия ба аъмоли зиддиинсониву террористӣ дода нашудааст, зеро барои Худованд (ҷ) ҳаёти инсон аз ҳама чиз афзал аст ва аз ин ҷост, ки фарзандони Одамро боикром гуфтааст: “Мо фарзандони Одамро каромат бахшидем ва бар дарёву хушкӣ савор кардем ва аз чизҳои хушу покиза рӯзӣ додаем ва бар бисёре аз махлуқоти худ беҳтариашон додем” (Сураи “Исроъ”, ояти 70).

Аз ин лиҳоз, Худованд (ҷ) ҳаётро ҳамоҳангсози тамоми махлуқот қарор додааст ва ба хусус ҳаёти инсонро, ки он бе робита ва муҳаббату самимияти байниҳамдигарии фарзандони Одам (а.) ба зулумот табдил хоҳад гашт.

Оини муқаддаси Ислом динест барои осудагиву амнияти башар ва ҳар як амале, ки дар асnои ибодат сурат мегирад, қалби инсонро ба шафқату муҳаббат ва силаи раҳм доштан водор месозад. Масалан, чун инсони мӯъмин дар рӯ ба рӯи Маъбудаш қарор мегирад, бо паси сар кардани тамоми чиз, аз Парвардгораш кумаку истиъонат мехоҳад ва ин иртиботи байни инсону Холиқи барҳақ қалби ӯро салиму раҳим ва нуронӣ мегардонад. Пас аз фориғ шудан аз ибодат, ҳикмати салом додани инсон ба самти росту чап саломативу амну осоиштагӣ ва саъодат хостан ба дигарон (хам малаку ҳам башар) мебошад. Ин ҳолатеро мемонад, ки инсон аз ҳузури Холиқаш боз ба ҳаёти дунявӣ бозмегардад ва аз файзи илоҳӣ ба инсонҳо башорати саъодату саломатӣ медиҳад.

Саломативу осудагӣ хостан ба дигарон шиори Ислом аст, пас чӣ гуна метавон терроризмро дар баробари ин оини пок гузошт?

Вақте аз Расули Худо (с.) пурсиданд, ки кадоме аз амалҳо дар назди Худованд мақбултар аст? Фармуд: “Таъом додан ба дигарон ва салом додан ба касоне, ки хоҳ мешиносӣ ва хоҳ не” (Сунани Абӯдовуд, китоби “Адаб”, ҳадиси 142).

Аз ҷониби афроди муғриз нисбат додани аъмоли террористӣ ба дини муқаддаси Ислом як иштибоҳи ҷиддии таърихист ва далелҳои овардашуда аз Қурьону садҳо оёти дигар ва ҳамчунин аҳодиси гуҳарбори Расули акрам(с.) дар мавриди мазаммати зулму ситам, ташвиқу тарғиби меҳру муҳаббат, силаи раҳм ва ғайра бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки рӯҳи Ислом то ҳанӯз қобили дарку фаҳм нашудааст. Ин Қурьони шариф мо инсонҳоро ба аъмоли шоиста ва некиву накӯкорӣ тавсия ва раҳнамуд месозад. Чунончи: “Ин Қуръон ба дурусттарин динҳо роҳ менамояд ва мӯъминонеро, ки корҳои шоиста ба ҷой меоваранд, хушхабар медиҳад, ки аз музде некӯ баҳраманд хоҳанд шуд. Ва барои касоне, ки ба охират имон надоранд, азобе дардовар муҳайё кардаем” (Сураи “Исроъ”, оёти 9-10).

Оини муқаддаси Ислом суботи ҷамъиятӣ ва сулҳу оромии ҳар як миллати мусулмонро арзиши олӣ меҳисобад. Сардори давлати тоҷикон дар ин мавриди низ таъкид намудааст, ки: «Вобаста ба авзои ноороми сайёра

ва доман паҳн кардани терроризм ва экстремизм дар баъзе кишварҳо ва доираҳои муайяни сиёсатшиносон, равияи номатлуб ва беасос гунаҳкор кардани дини Ислом ҳамоно идома дорад. Ба иборaи дигар, дини мубини Исломро, ки аслан ва моҳиятан дини сулҳпарвар аст, ба василаи тарс додани башарият табдил дода истодаанд. Исломҳамчун яке аз динҳои бузурги ҷаҳонӣҳама гуна нифоқу хусумат, куштору ваҳшоният ва ҷабру зулмро маҳкум мекунад. Бинобар ин, кӯшиши бо ҳар роҳу восита бадном кардани Ислом ва мардуми мусулмон, инчунин ба ҳар гуна мухолифату низоъ маҷбуран хислати исломӣ додан аз рӯйи адлу инсоф нест. Фаромӯш набояд кард, ки Ислом як сарчашмаи мусаффои афкору ахлоқ аст ва аз пайвастани дин бо сиёсат ҷанбаи баланди сулҳпарварона ва инсондӯстонаи он коста мегардад».

Агар инсоният чеҳраи воқеии оини поки Исломро аз сарчашмаҳои асливу воқеии он, таърих ва афроди шинохтаву асили он ҷустуҷӯву дастрас намояд, эҳсос менамояд, ки дар он дуруштиву ситам, таҷовузу ифрот ва дигар аъмоли зиддиинсонӣ вуҷуд надорад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: «Ирфон», Ҷ.1. 2001. – 423 с.
2. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: «Ирфон». Ҷ.3. 2003. – 504 с.

# МИНБАРИ МУҚАРРИЗОН

## ТРИБУНА РЕЦЕНЗЕНТОВ



**ИСКАНДАРОВ ЗАЙНИДДИН ХАМИДОВИЧ**
*Профессор кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета,*
*доктор юридических наук,профессор (12.00.09)*

**ОТЗЫВ**
**на автореферат диссертации Самиева Назара Мурадовича «Расследование нераскрытых преступлений прошлых лет (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации)», представленной на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.12 –криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность**

**REVIEWED**
**On the dissertation author's abstract of Samiev Nazar «The Investigation of Undisclosed Crimes of Past Years (based on materials from the Republic of Tajikistan and the Russian Federation)», submitted for the degree of Candidate of Juridical Sciences in specialty 12.00.12 - criminalistics; Forensic and expert activity; Operatively-search activity**

Бояд қайд намуд, ки тибқи Дастурамал «Дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят» (минбаъд Дастурамал) пас аз гирифтани хабар оид ба содир шудани ҷиноят, навбатдори оперативӣ гурӯҳи оперативӣ-тафтишотиро (минбаъд-ГОТ) огоҳ намуда, онҳоро фавран дар ҳайати пурра ба ҷойи ҳодиса мефиристад. Баробари гирифтани хабар аз навбатдори ШВКД, муфаттиш ва дигар аъзоёни ГОТ бояд бе таъхир ба ҷойи ҳодиса ҳозир шаванд [1]. Вале дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз он ҷумла мақомоти корҳои дохилӣ ҳолатҳое ба назар мерасад, ки на ҳама вақт муфаттиш бо ҳайати ГОТ ба ҷойи ҳодиса сари вақт ҳозир шуда метавонанд. Сабабҳои сари вақт ҳозир шуда натавонистани онҳо, ин дар навбатдории шабонарӯзӣ қарор дошта, дар ҳамон вақту соат дар ҷойҳои ҳодисаи дигарбудан ё сабаби дар маҳалли дурдаст ва душворгузар содир шудани ҷиноят мегарданд.

Дастурамали мазкур ғайр аз муайян намудани вазифаҳои муфаттиш ҳамчун роҳбари ГОТ, боз вазифаҳои ҳар як аъзои гурӯҳро ҳангоми амал намудан дар ҷойи содиршавии ҷиноят номбар намудааст, ки инҳо: мутахассис-сагшинос; мутахассис-криминалист; кормандони оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; нозири минтақавӣ ва корманди бозрасии давлатии автомобилӣ мебошанд. Ин ҷо банди 2.4.1.-и Дастурамал нозири минтақавии милитсияро вазифадор менамояд, ки ба муфаттиш дар бораи хусусият ва ҷойи содиршавии ҷиноят, ашхоси зарардида ва ашхосе, ки дорандаи маълумоти аҳамияти оперативӣ мебошанд, маълумот диҳад; супоришҳои муфаттишро дар хусуси муайян намудани шоҳидон, ҷабрдидагон ва дигар шахсоне, ки дар хусуси ҷиноят ва ашхоси содиркардаи он маълумот дода метавонанд, иҷро намояд. Ӯ бо мақсади иҷро намудани супориши муфаттиш бо сокинони маҳаллӣ, кормандони ғайриштатии милитсия, шахсони боваринок воҳӯрда маълумот ба даст меорад, инчунин имкониятҳои дигарро ба кор мебарад.

Ҳамаи ин вазифаҳои нозири минтақавӣ аз муайян намудан ва ба муфаттиш супоридани иттилоот оид ба ҳолатҳои содиршавии ҷиноят шаҳодат медиҳанд.

Вақте, ки сухан дар бораи таъхирнопазирии амали нозири минтақавии милитсиядар ҷойи ҳодиса меравад, фаъолияти ӯ тибқи Низомномаи нозирони минтақавии милитсия ва Низомномаи намунавии Шуъба, шуъбача, минтақаҳои хизматии милитсия ва нуқтаҳои такягоҳи тартиботи ҷамъиятии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суръат мегирад [2]. Мутобиқи фасли 2 банди 37 зербанди 3 ин Низмонома дар ҳолати сари вақт ҳозир нашудани ГОТ, нозири минтақавӣталаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, барои муайян намудани ҷойи ҳодиса, мустаҳкам намудани нишонаҳои ҷиноят ва дигар ҳолатҳо, ки барои кушодан ва ошкор кардани ҷиноят аҳамияти муҳим доранд, чораҳои таъхирнопазирро андешида тафтишоти пешакиро оғоз намояд. Дар ин мазмун тафтишоти пурраи ҳодисаи содиршуда аз тарафи нозири минтақавии милитсия фаҳмида намешавад. Ин танҳо ибтидои тафтишот ба шумор рафта, минбаъд маводи санҷишӣ ба муфаттиши ба ҷойи ҳодиса ҳозиршуда ва ё бо гузориш ба сардори воҳиди таҳқиқ супорида мешаванд.

Дар дигар ҳолат вақте, ки ҷинояти содиршуда ба тобеъияти мақомоти таҳқиқ мансуб аст, сардори воҳиди таҳқиқ, тибқи ваколатҳои дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда метавонад санҷиши минбаъдаи маводро ба яке аз таҳқиқбарандагон ва ё ба ҳамон нозири минтақавие, ки дар ҷойи ҳодиса буда, маълумоти заруририро оид ба ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ҷамъоварӣ намудааст, барои қабул ва омода намудани қарори қонунӣ супорад. Минбаъд агар дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул карда шавад, нозири минтақавии милитсия оид ба гузаронидани тафтиш, амалҳои алоҳидаи тафтишӣ, интихоб намудани чораи пешгирӣ нисбат ба гумонбаршуда, бандубасти ҷиноят ва андозаи айбдорӣ супоришҳои сардори воҳиди таҳқиқро иҷро менамояд.

Модоме, ки дар мавзӯи муҳокимашаванда асосан сухан дар бораи амалҳои нозири минтақавии милитсия дар ҷои ҳодиса меравад, ҳаракатҳои мушаххаси ӯро дар ин ҷода таҳлил менамоем. Инак нозири минтақавӣ дар ҷойи ҳодиса талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, метавонад як қатор ҳаракатҳои санҷиширо ба анҷом расонад, аз қабили: ба расмият даровардани аризаи ҷабрдида, ҷамъоварии хуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият, гирифтани баёнот, дастгиркунӣ ва гузаронидани кофтукови шахсии гумонбаршуда, гирифтани маълумотномаҳо ва хислатномаҳо аз ҷои зист, ҷои кор, андешидани чораҳо барои ҳифзи далелҳо ва ҷои ҳодиса, муайян намудани сарҳади ҷойи ҳодиса, дарҳолатҳои зарурӣ азназаргузаронидани ҷойи ҳодиса ва ғайра. Мутаассифона, дар иҷрои вазифаҳои номбаршуда ҳаракатҳои фаъоли нозирони минтақавии милитсия дар амалия наҳама вақт ба назар мерасанд, махсусан вақте, ки сухан дар бораи амали тафтишии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса меравад.

Баъзан то омадани муфаттиш, ё дар умум гирем ГОТ, нозирони минтақавӣ бо баҳонаи он, ки кирдори ғайриқонунӣ ба ҷиноятҳои категорияи вазнин ва ё махсусан вазнин мансуб аст, дар ҷойи ҳодиса аксарияти амалҳои муҳими санҷиширо ба анҷом намерасонанд ё агар иҷро намоянд ҳам натиҷаҳои он рӯякӣ ва нопурра мебошанд. Инчунин тартиби мурофиавии пешбурди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса тибқи талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои татбиқи муқаррароти криминалистӣ риоя карда намешаванд [3]. Ҳатто дар баъзе мавридҳо пешбурди азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро вазифаи муфаттишон ва

таҳқиқбарандагон меҳисобанд, ки дар натиҷа бо гузашти вақт пайҳои ҷиноят бо таъсири омилҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ нобуд мегарданд. Ин ҳолат дар байни аҳолӣ, дар назди шахсони ҷабрдида ва шоҳидон нафрат ва нобовариро дучанд зиёд менамояд.

Асоси пешбурди азназаргузаронӣ дар моддаи 182 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуда, қисми 2-и моддаи мазкур азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро дар мавридҳои таъхирнопазир то оғози парвандаи ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Тартиби мурофиавии пешбурди азназаргузаронӣ дар моддаи 183 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст.

Илми криминалистика азназаргузарониро вобаста ба объектҳо ба азназаргузаронии - ҷойи ҳодиса, манзил, биноҳо, маҳал, ҷасад, ҳуҷҷатҳо, ашё ва предметҳои дигар ҷудо намуда, усулҳои тактикӣ-криминалистии баамалбарории онҳоро коркард ва тавсия намудааст. Аз намудҳои азназаргузаронии дар боло зикршуда мушкилтар ва серҳаҷмаш ин азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба шумор рафта, анҷоми он маҳорату малакаи баланди касбӣ, нерӯ ва вақти зиёдро талаб менамояд.

Мақсади азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз муайян кардани ҳолатҳои ҳодисаи ба ҷиноят алоқаманд, ёфтан, қайд намудан, гирифтани далелҳо, гирифтани иттилооти аввалиндараҷа барои пешбарии фарзияҳо, муайян намудани ҷинояткорон ва дастгир намудани онҳо, муайян намудани ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардаанд, иборат мебошанд. Маълумотҳое, ки дар натиҷаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба даст оварда мешаванд, ин гарави пешбурди муваффақонаи тафтишот дар оянда ба шумор меравад. Мавқуф гузоштани ин амали тафтишӣба оқибатҳои несту нобуд шудан, вайрон гаштан ва тағйир ёфтани ҷои ҳодиса инчунин далелҳои ба ҳодисаи тафтишшаванда алоқаманд оварда мерасонанд. Одатан ин оқибатҳо бо таъсири омилҳои табиӣ – бориши борон ва барф, шамол ва дигар вазъиятҳои фавқулодда сар мезананд. Ногуфта намонад, ки шахсони ҷиноятро содирнамуда низ ба тағйир ёфтани ҷойи ҳодиса ва нобуд гаштани изҳо ва далелҳо манфиатдор мебошанд.

Имрӯзҳо вазифаҳои нозирони минтақавии милитсия, ки аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи милитсия” ва санадҳои меъёрии соҳавии мақомоти корҳои дохилӣ сарчашма мегиранд, ҳаҷми зиёди кориро дар бар мегирад ва аксарияти ин вазифаҳо ба таври дахлдор ба иҷро расонида мешаванд. Асосан фаъолияти онҳоро пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фаро гирифта, онҳо дар чорчӯбаи қонунгузории маъмурӣ ва мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд. Вале ҳаҷми кории онҳо, набояд ба иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ки таъхирнопазир мебошанд дахолат намоянд. Ин вазифаҳоро дар ҷои ҳодиса ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои дар боло зикршуда ба ғайр аз нозирони минтақавӣ касе иҷро карда наметавонад. Чунки онҳо дар замони ба вуқӯъ пайвастани ҳодиса дар минтақаҳо қарор дошта, метавонанд амалҳои ғайриқонуниро сари вақт пешгирӣ намоянд, шахсони гумонбарро ошкор ва дастгир намоянд, ҷабрдида ва шоҳидонро муайян кунанд, изҳои аз ҷинояткорон боқӣ монда ва далелҳои шайъиро ёфта гиранд. Албатта барои ноил гаштан ба ин натиҷаҳо малакаю маҳорати баланди касбӣ зарур буда, нозири минтақавии милитсия бояд донад, ки тартиби барасмият даровардани маводи санҷишӣ чӣ гуна аст.

Вобаста ба масъалаҳои мавзӯи баррасишаванда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вазифаҳои бо қонун ва санадҳои соҳавӣ муқарраршудаинозирони минтақавии милитсия дар натиҷаҳои кору фаъолияти ҳамарӯзаи онҳото ҳол

инъикоси воқеӣ ва пурраи худро наёфтааст. Бо як нигоҳ чунин ба назар мерасад, ки аз тарафи онҳо ба таври номатлуб иҷро карда шудани чунин вазифаҳо қасдона набуда, балки аз суст будани дониши ҳуқуқӣ ва сайқал надодани таҷрибаи корӣ шаҳодат медиҳад.

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ [4] солҳои охир иштироки нозирони минтақавии милитсия дар баррасии аризаву иттилоот оиди содир шудани ҷиноят назаррас мебошад, вале ҳолатҳои бевосита аз тарафи онҳо азназар гузаронидани ҷойи ҳодиса ва ё пешбурди парвандаҳои ҷиноятие, ки ба тобеъияти мақомоти таҳқиқ мансуб мебошанд, умуман дида намешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло баҳри баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии нозирони минтақавии милитсия хуб мешуд, ки оид ба бартараф намудани чунин муаммоҳо дар фаъолияти кории онҳо курсҳои касбии баландбардории ихтисос ташкил карда шаванд. Инчунин бояд қайд намуд, ки ҷабҳаи асосии масъалаи баррасишавандаро дуруст ва пурра гузаронидани санҷиши ариза ва иттилоот оид ба ҷиноят, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва пешбурди бевоситаи таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби нозирони минтақавӣ ташкил мекунад. Бинобар ин, бисёр муҳим аст, ки нозирони минтақавии милитсия дар ҷойҳои корӣ бо ҷомадонҳои универсалии криминалистӣ таъмин бошанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ воситаҳои техникиро дуруст ба кор бурда тавонанд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Фармони ВКД ҶумҳурииТоҷикистон аз 20.02.2010 сол таҳти № 207 б/з “Оид ба тасдиқи«Дастурамал дар бораи тартиби амали кормандони милитсия дар ҷойи содиршавии ҷиноят».
2. Фармоиши ВКД ҶумҳурииТоҷикистон аз 23.02.с.2013 № 10 б/з “Дар бораи тасдиқ намудани “Низомномаи нозирони минтақавии милитсия” ва “Низомномаи намунавии Шуъба, шуъбача, минтақаҳои хизматии милитсия ва нуктаҳои такягоҳи тартиботи ҷамъиятии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри 2009 сол // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №12, мод.815; мод.816; с.2014, №3, мод.142; № 11, мод. 643; (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 с., № 1229).
4. Мактуби расмии Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон №241 аз 11.04.2017с, ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда № 416 аз 14.04.2017 с.

# НУҚТАИ НАЗАРИ ИЛМӢ ОИД БА МАФҲУМИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

# НАУЧНАЯ ТОЧКА ЗРЕНИЯ НА ПОНЯТИЕ ПРАВОСОЗНАНИЯ

# THE SCIENTIFIC POINT OF VIEW ON THE CONCEPT OF SENSE OF JUSTICE



**ЗАРИФОВ МЕҲРУБОН ИСМОНОВИЧ**
*адъюнкти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.00.01), капитани милитсия*

***Аннотатсия:*** Дар мақола аз нуқтаи назари илмӣ тамоюлҳои асосӣ оид ба муайян сохтани мазмун ва моҳияти мафҳуми шуури ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда, муаллиф аз андешаҳои олимони ватанию хориҷи бо пайдарҳамии хоса истифода карда, назари хешро низ дар бораи мафҳуми шуури ҳуқуқӣ иброз доштааст.
***Вожаҳои калидӣ:*** мафҳум, шуури ҳуқуқӣ, назарияи фитрӣ-ҳуқуқӣ, психологӣ, сотсиологӣ, шуури ҳуқуқии назариявӣ, шуури ҳуқуқии ҳаётӣ.

***Аннотация:*** В статье с научной точки зрения рассмотрены основные тенденции по определению содержания и сущности понятия правосознания. На основе проведенного анализа, автор, сопоставляя различные взгляды отечественных и зарубежных ученых, предлагает собственную точку зрения по определению понятия правосознания.
***Ключевые слова:*** правосознание, психология, социологическая теория, теоретическое правосознание

***Annotation:*** In the article, from the scientific point of view, the main trends in determining the content and essence of the notion of legal consciousness are examined. Based on the analysis, the author, comparing different views of domestic and foreign scientists, offers his own point of view on the definition of the notion of legal consciousness.
***Keywords:*** sense of justice, psychology, sociological theory, theoretical sense of justice

Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми шуури ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои актуалии замони муосир мебошад. Новобаста аз ин, то ҳол оид ба мафҳуми шуури ҳуқуқӣ андешаи ягона мавҷуд намебошад ва ин моро водор месозад, ки перомуни ин масъала андешаҳои илман асоснокро пешниҳод намоем. Ҳамзамон, шуури ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои анъанавии ҳуқуқшиносӣ буда, мавриди таҳлилҳои гуногуни илмӣ қарор гирифтааст, ки ин замина барои пайдоиши нуқтаҳои назари мухталиф гаштааст [4, с. 594].

Ҷонибдорони назарияи фитрӣ-ҳуқуқӣ, алалхусус назарияи нави «ҳуқуқи фитрии эҳёгашта» шуури ҳуқуқиро бо ахлоқ, ақидаҳои озодӣ, баробарӣ ва адолат алоқаманд менамоянд. Дар назарияҳои психологӣ бошад мафҳумҳои ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо карда намешаванд. Вале ҷонибдорони назарияҳои сотсиологӣ аз ҷумла, Ю. Гамбаров, Р. Штаммлер, С. Муромсев, Б. Кистяковский ва диг. мафҳумҳои

«шуури ҳуқуқии назариявӣ» ва «шуури ҳуқуқии ҳаётиро» ҷудо ва бо ҳам муқобил мегузоранд [3, с. 644]. Ҷонибдорони назарияҳои сотсиалистӣ бошанд мафҳуми коллективии шуури ҳуқуқиро истифода менамоянд [2, с. 387-405].

Дар адабиёти пас аз шӯравӣ шуури ҳуқуқӣ дар робита ба ҳуқуқ, падидаҳои ҳуқуқӣ, воқеъияти ҳуқуқӣ муайян мешавад. Ҳамчунин таносуби шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҷамъиятӣ ба назар гирифта мешавад. Дар ин замина шуури ҳуқуқӣ чун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ таъриф дода шуда, тафовути он аз шуури ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ, сиёсӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Ин тафовут дар он дида мешавад, ки шуури ҳуқуқӣ бо ҳуқуқ ва умуман воқеияти ҳуқуқӣ алоқаманд буда, ҳиссиёту мафҳумҳои одамонро оиди ҳуқуқ, муносибати онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ифода менамояд [4, с. 594].

Бо назардошти ин гуфтаҳо, шуури ҳуқуқӣ чун шакли шуури ҷамъиятӣ, маҷмӯи тасаввуроту мафҳумҳо оиди ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқи таъриф дода мешавад [6, с. 547]. Ҳамзамон ин мафҳӯмҳо вобаста аз унсусрҳои ҷудогонаи шуури ҳуқуқӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, як қатор муаллифон шуури ҳуқуқиро дар робита бо танзими ҳуқуқӣ таъриф медиҳанд. Бинобар ин, мафҳуми зерини шуури ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Шуури ҳуқуқӣ - ин шакли шуури ҷамъиятӣ, низоми мафҳумҳо, ақидаҳо ва маҷмуи тасавуротҳо оиди танзими ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа мебошад [7, с. 298].

Дар чунин ҳолат мафҳуми шуури ҳуқуқӣ маҳдудтар мегардад, чун ки нақши онро дар танзими ҳуқуқӣ мебинад, ҳоло он ки муаллифони алоҳида шуури ҳуқуқиро ҷузъи натанҳо механизми танзими ҳуқуқӣ, балки ҳуқуқэҷодкунӣ ва махсусан амалисозии ҳуқуқ эътироф менамоянд [5, с. 208].

Муҳаққиқон дигар дар андешаи онанд, ки шуури ҷамъияти ҳамчун воҳиди ягона арзи вуҷуд дорад ва шаклҳои он аз ҳамдигар пурра ҷудо намебошад. Бинобар ин шуури ҳуқуқӣ бо шаклҳои дигари шуури ҷамъияти омехтааст, масалан, бо шуури ахлоқӣ, шуури сиёсӣ, ва ғ. [5, с. 207].

Дар масъалаи мафҳуми шуури ҳуқуқӣ муҳаққиқон ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд:

Якум муҳаққиқоне, ки шуури ҳуқуқиро чун шакл мустақили махсуси шуури ҷамъиятӣ ва ҷудо аз шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ таҳлил мекунанд.

Дуюм муҳаққиқоне, ки шуури ҳуқуқиро гарчанде шакли шуури ҷамъиятӣ шуморанд ҳам, вале онро пурра аз шуури ҷамъиятӣ ҷудо намекунанд, алоқай зичи онро ба шуури ахлоқӣ, сиёсӣ ва ғайра такид менамоянд.

Дар мафҳумҳои дигар ба шуури ҷамъиятӣ ишора набошад ҳам, вале нақши васеътари шуури ҳуқуқӣ ва унсурҳои таркибии он ба инобат гирифта мешавад.

Тавре маълум аст, шуури ҳуқуқӣ дар сатҳи эҳсосӣ ва маърифатӣ ташаккул меёбад. Дар ин замина шуури ҳуқуқӣ чун маҷмӯи эҳсосоту мафҳумҳо, ё тасаввуроту мафҳумҳо оиди ҳуқуқ, падидаҳои ҳуқуқӣ, воқеияти ҳуқуқӣ таъриф дода мешавад [4, с. 595-596].

Муаллифони ҷудогона мафҳуми шуури ҳуқуқиро бо назардошти унсурҳояш мушаххастар таъриф медиҳанд. Масалан, типқи яке аз чунин мафҳумҳо, шуури ҳуқуқӣ - ин низоми ҳиссиёт, эҳсосот, ақидаҳо, андешаҳо, муқаррарот, тасаввуроти ҳуқуқист, ки муносибати шаҳрвандонро ҳам ба ҳуқуқи амалкунанда, амалияи ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳо, озодиҳо, вазифаҳои шаҳрвандон ва ҳам ба ҳуқуқи дилкаш, падидаҳои ҳуқуқии дилкаш ифода менамояд [1, с. 474-475].

Тадқиқоти гузаронидаи мо нишон медиҳад, ки оиди мафҳуми шуури ҳуқуқӣ муҳаққиқон то кунун дар андешаи ягона нестан ва ин аз як ҷиҳат барои фаҳмиши моҳияти шуури ҳуқуқӣ то андозае монеъа шуда, аз дигар ҷониб дар натиҷаи баҳсу мунозираҳои мухталиф, фикру андешаҳои нави илмӣ ба вуҷуд меояд, ки ин метавонад дар ин самт як такони ҷидди бахшад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқӣ - ин маҷмӯи мафҳумҳову тасавуроти одамон оиди ҳуқуқ ва воқеияти ҳуқуқист, ки муносибати онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ифода мекунад [4, с. 599].

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Общая теория права. Курс лекций / Под общ.ред.: Бабаев В.К. – Нижний Новгород: Изд-во Нижегор. ВШ МВД РФ, 1993. - 544 с.;
2. Проблемы общей теории права и государства. Учебник для вузов / Под общ.ред. академика РАН, д.ю.н., проф. В.С. Нерсесянца. – М.: Норма, 2004. - XIV + 813 с.;
3. Сотиволдиев Р.Ш Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарси барои муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: «Империал-Гурупп» 2014. – 720 с;
4. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2. –. Душанбе.: Империал-Групп, 2010, - 596 с.
5. Теория государства и права: учебник / отв. ред. В. Д. Перевалов. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма, 2008. - 496 с.
6. Теория государства и права: Учебник / Пиголкин А.С., Головистикова А.Н., Дмитриев Ю.А., Саидов А.Х. / Под ред. А.С. Пиголкина. – М.: Юрайт-Издат, 2005. – 613 с.
7. Теория государства и права: Учебник для средних специальных учебных заведений / А.В. Малько, В.В. Нырков, К.В. Шундиков. – М.: Норма: НИЦ ИНФРА-М, 2013. – 432 с.

# НАҚШИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ТАҲКИМИ ОН

# РОЛЬ МОЛОДЕЖИ ТАДЖИКИСТАНА В НАЦИОНАЛЬНОМ ЕДИНСТВЕ И ЕЁ УКРЕПЛЕНИИ

# THE ROLE OF YOUTH IN TAJIKISTAN NATIONAL UNITY AND STRENGTHEN ITS



**ҚОСИМОВ ФАЙЗАЛӢ МАҲМАДОВИЧ**
*унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзгори калони кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯи Академияи ВКД Тоҷикистон (12.00.12), полковники милитсия*



**АСЛАМОВ БОЗОРАЛӢ САФАРАЛИЕВИЧ**
*муовини сардори факултети №2-и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*

***Аннотатсия:*** Дар мақола дар асоси стратегияи давлатӣ ва дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва соли 2017 эълон гардидани «Соли ҷавонон» нақши ҷавонон дар ваҳдати миллӣ ва таҳкими он инъикос гардида, афзалият ба нерӯи созандаи ҷомеа дода шудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** ҷавонон, стратегия, консепсия, маориф, илм, манфиати миллӣ.

***Аннотация***: В статье речь идет о государственной стратегии молодежи Таджикистана и её роли в национальном единстве и на основе предложений Оснавателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, который объявил 2017 год «Годом молодежи». Особое место в статье отведено творческому потенциалу молодёжи.

**Ключевые слова:** молодёжь, сратегия, коцепция, образование, наука, национальный интерес.

***Annotation:*** The article deals with the state strategy of the youth of Tajikistan and its role in national unity and on the basis of the proposals of the Peace and National Unity Leader, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, who declared 2017 the "Year of Youth". A special place in the article is devoted to the creative potential of young people.

***Keywords:*** youth, srategiya, concept, education, science, national interest.

Ҳукумати кишвар ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ медонад ва имрӯз, ки мо дар роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ қарор дорем, барои ноил шудан ба инкишофи устувори давлат, бояд ба масъалаи ҷавонон ва истифода аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо рӯ биоварем, зеро, ки мутобиқи нишондодҳои оморӣ ҷавонони синнашон то 30-сола ба 70% аҳолии ҷамъияти Тоҷикистон баробар аст [1, с.9] ва онҳо айни замон қувваи асосии пешбарандаи ҷомеаи имрӯзаи моянд.

Воқеан, ҷавонон дар ҳама давру замон қувваи асосӣ ва неруи бузурги бунёдгару созандаи давлату мамлакат буданд, ҳастанд ва мебошанд. Аз ин рӯ, ҳануз чанд ҳазор сол муқаддам философии машҳур Арасту навишта буд, ки «Ҳама касоне, ки хусуси санъати идоракунӣ тафаккур намудаанд, бояд фаромӯш накунанд, ки тақдири империяҳо ба тарбияи ҷавонон вобастагӣ дорад» [2, с.65.].

Пешвои миллат, ҳануз ба масъалаи ҷавонон дар суханронии худ ба ифтихори 20-солагии баргузории Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати «Рӯ овардан ба ҷавонон»-ро ба миён гузошта, таъкид намуда буд, ки воқеан ҳам таваҷҷуҳ ба ҷавонон маънии рӯ овардан баояндаи кишвар ва миллатро дорад [3, с.2].

Аз ин рӯ бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 «Соли ҷавонон» эълон карда шуд.

Ҳамчунин нуктаи мазкур дар Паёми декабрӣ ба Маҷлиси Олӣ, ки «…ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд» [4, с.17], низ таъкид гардид ва тақвият ёфт. Бинобарин, вақте ки дар бораи масъалае сухан меронем, лаҳзаҳои хеле мушкили таърихии пайдоиши онро пеши назар овардан лозим аст. Зеро танҳо бо донистани воқеяти таърихӣ мо метавонем ба ҷой, мақом ва нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот дар таърих баҳои одилона диҳем.

Аввалҳои солҳои 90-уми асри XX Тоҷикистон баъди фурупошии давлати абарқудрати шӯравӣ, бахусус дар марҳалаи гузариш чун солҳои давраи авали ҳокимияти Шӯроӣ ҳудуди «табартақсим» [5]-и худро соҳибӣ намуд ватаъсиси давлати соҳибихтиёри худро эълон дошт,вале бо мудохилаи бевоситаи қувваҳои беруна, ноуҳдабароии мақомоти ҳокимияти давлатии ондавраи Тоҷикистон ба мушкилиҳои сахту сангин рӯ ба рӯ гардид ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар мамлакат шурӯъ шуд, ки зарари иқтисодии он беш аз 10 млрд. доллари ИМА мебошад.

Бо вуҷуди ин, аз ҳамон марҳалаҳои душвори таърихӣ сар карда, то ба имрӯз давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла беҳдошти вазъи таълиму тарбия, касбу ҳунар ва бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо, инчунин мавқеи хоса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодааст. Ин буд, ки баъд аз шаш моҳи бадастории истиқлолияти давлатӣ парламенти кишвар Қонун «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»-ро ба тасвиб расонид, ки санади мазкур заминаҳои ташкиливу ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавононро муҳайё ва муайян намуд.

Дар ин марҳалаи нави таърихӣ Тоҷикистон дар байни кишварҳои

аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, ин иқдомро ба роҳ монд ва як моҳ пеш аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ баъди мулоқоти Президенти кишвар бо намояндагони ҷавонони мамлакат 23 майи соли 1997 мақоми ваколатдори соҳа – Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ гардид ва моҳи ноябри соли 2006 дар заминаи ин мақоми давлатӣ Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар раванди ислоҳоти сохтори идоракунии давлатӣ маҳз ба хотири рушди варзиш ва сайёҳии мамлакат аз соли 2006 идораи ин соҳаҳо ба уҳдаи мақоми ваколатдори сиёсати ҷавонон вогузор гардид.

Дар марҳалаҳои минбаъдаи рушди давлатдории миллиамон ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи соҳа як силсила ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар барномаҳои соҳавӣ қабул гардиданд.

Масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон, нақш ва иштироки бевоситаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа яке аз масъалаҳои асосӣ дар Паёми ҳарсолаи Пешвои миллат, Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ буда, ба ин мавзӯъ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии давлатдорӣ ва манбаи муҳимтарини ташаккули захираҳои инсонии кишвар таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир мегардад.

Дар асоси Паёмҳои Пешвои миллат, дигар суханрониҳо ва дастуру супоришҳое, ки дар иртибот батарбия ин асли наврас ва ҷавонони кишвар мунтазам дода мешаванд, рушди пайгиронаи соҳаи маориф таъмин гардида, мактаб ва илму маориф, инчунин рушди инсонӣ дар сиёсатикунунии давлату Ҳукумат ба сатҳи масъалаи аввалиндараҷа бардошта шуд.

Ба хотири таъмини шароити донишомӯзии наврасону ҷавонон «фақат соли 2016 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 201 бинои таълимӣ ба маблағи 540 миллион сомонӣ бунёд ва азнавсозӣ гардида, 39 ҳазор ҷойи нишаст муҳайё карда шуд» [4, с.4].

Бояд тазаккур дод, ки «Дар соҳаҳои маориф ва илм зиёда аз 2500 муассисаи таълимӣ бунёду азнавсозӣ гардида, онҳо бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири таълимӣ ва дигар шароити замонавӣ таъмин карда шуданд.

Танҳо дар доираи «Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015» дар соҳаи маориф аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ шумораи муассисаҳои таълимии аз хонаҳои шахсӣ ва вагонҳо пурра бароварда шуда, азнавсозӣ ва бунёд гардида беш аз 800 ва маблағи умумии барои ин кор сарфшуда 600 миллион сомониро ташкил медиҳад» [4, с.4].

Вале муносибати ҷавонон нисбат ба интихоби касбу ҳунарҳои муосир мувофиқи мақсад нест, зеро тавре ки дар Паёми декабрии худ Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, «Мутаассифона, дар замоне, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, дар илми тоҷик навгонӣ ва ташаббусҳои илмӣ кам ба мушоҳида мерасанд, афроди лаёқатманд, ихтироъкор ба ҷодаи илмҳои дақиқ ҷалб карда намешаванд ва мавзӯъҳои фармоишӣ барои талаботи давлат равона намегарданд» [4, С.16] .

Давлату Ҳукумати мамлакат тули солҳои истиқлолияти давлатӣ ба рушди низоми тарбияву ташаккули насли солим ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи ҳар як шаҳрванд аҳамияти зарурӣ медиҳад. Зеро миллати солим таҳкурсии ҷомеаи солим мебошад.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба раванди омода намудани олимони ҷавон вобаста ба талаботи соҳаҳои гуногуни кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар давоми солҳои истиқлолият барои дастгирии ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд тадбирҳои назаррасро анҷом дода истодааст, ки ин равандро мо дар фаъолияти амалии

роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи он баръало мушоҳида менамоем. Соли 2016-ум олими ҷавону умедбахши Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон майори милитсия профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2-и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Рифат Юлдошев бо ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ сарфароз гардонида шуд, ки боиси сарфарозии мост. Месазад, ки мо ба андешаҳои Пешвои миллат, ки «….минбаъд олимони мо дар доираи стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳқиқот бурда, ба масъалаи тарбияи муҳаққиқони ҷавони ихтироъкору навовар эътибори ҷиддӣ диҳанд» [4, С.17], дастгиру ҳамовоз гардем.

Гузашта аз ин, барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем.

Масъалаи дигари ҷиддии ҳаёти имрӯзаи ҷавонони тоҷик ин бекорӣ мебошад,аз ин рӯ Пешвои миллат дар Паёми хеш қайд намуданд, ки «Бо мақсади вусъат додани шуғли аҳолӣ ва кам кардани шумораи бекорон, хусусан, дар байни ҷавонон, аз ҳисоби рушди соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, саноати сабук, хӯроквориӣ, масолеҳи сохтмон, кимиё, маъдан ва хизматрасониҳои нақлиёту алоқа, сайёҳӣ ва маорифу тандурустӣ ҳамасола на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд» [4, с.17].

Раванди табиии ҷаҳони муосир ин муҳоҷирати меҳнатист, ки давлату Ҳукумати кишвар ва бахусус Пешвои миллат доир ба ҳаллӣ масъалаҳои марбут ба он мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст.

Назорати масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон, кору фаъолияти онҳо дар хориҷӣ кишвар ва мусоидат ба ҳалли масъалаҳои ҷавонони муҳоҷир баъди бозгашт ба маҳалли зисташон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Инчунини дар ин самт кушиш бояд кард, ки ҷавонони мо бо тайёрии зарурӣ ба хориҷӣ кишвар рафта, бо сабаби надонистани забон ва меъёрҳои оддии муносибату муошират бо кордиҳандагон ба мушкилот дучор нашаванд.

«Вобаста ба ин, аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд» [4, с.15].

Илова бар ин, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон тамоми мақомоти давлатиро зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳиро густариш диҳанд. Зеро вақтҳои охир аз тарафи ҷавонон қонунвайронкунӣ ба мушоҳида мерасад. Дар бисёр ҳолатҳо талаботи қонунҳои ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» вайрон карда мешаванд.

Аз ин рӯ, зарурат пеш омадааст, ки омӯзиши ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» - ро дар барномаҳои муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монад.

Насли ҷавон бояд дар руҳияи солиму созанда ва ҳамқадами ҷаҳони муосир таълиму тарбия гирад. Мо бояд аз низоми муосиртарини таҳсил барои тарбияи насли наврас истифода намоем.

Сиёсати давлатии ҷавонон ба сиёсати хизмати мақомотҳои қудратии кишвар ҳамбастагии зич дорад. Боварӣ дорем, ки кадрҳои ҷавон, бахусус курсантони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо набзи ҳаёт ва асри нав

ҳамқадам мебошанд, талаботи замонро пайваста эҳсос менамоянд, аз дастовардҳои илму техникаи муосир қафо нестанд ва манфиати Ватану миллатро аз ҳама боло медонанд, зеро ба ин саъю кӯшиши онҳо гувоҳи ҳол аст.

### АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Латипов А. Кор бо ҷавононмеҳвари фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. Накши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот (маҷмӯаи маводҳои конфронси илмию амалӣ, ш.Душанбе, 29 ноябри соли 2012). - Душанбе. 2013.
2. Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ. - Душанбе. 2003.
3. Баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ» 23 майи соли 2013. Душанбе. Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj (санаи муроҷиат – 21.04.2017).
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2016. шаҳри Душанбе. Сарчашмаи электронӣ: http://president.tj (санаи муроҷиат – 13.04.2017).
5. Масов Р.М. История топорного разделения. – Душанбе: «Ирфон», 1991.

# МУВОФИҚАТИ КАСБӢ-ПСИХОЛОГ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ХОРИҶИ КИШВАР

# ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ СООТВЕТСТВИЕ СОТРУДНИКОВ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНАХ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

# PROFESSIONAL-PSYCHOLOGICAL CONFORMITY OF EMPLOYEES OF LAW ENFORCEMENT BODIES OF FOREIGN COUNTRIES



**ЛАТИФЗОДА СОМОН ЗАРИФ**
*Магистри илми психология, эксперт-психологи КМХТ РТ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, докторанти PhD, лейтенанти калони хизмати дохилӣ*

***Аннотатсия***: Дар мақола масъалаи мувофиқати касбӣ ва мувофиқати психологӣ дар хориҷи кишвар дида баромада шудааст. Дар баробари ин, дар мақола таҳлили муқоисавии давлатҳои хориҷӣ бо ҷумҳуриамон мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** мувофиқати касбӣ-психологӣ, сохторҳои қудратӣ, тестҳои психологӣ, номзад, ташхиси психологӣ, интихоби касбӣ-психологӣ, тамоюли касбӣ.

***Аннотация***. В статье рассматривается проблема профессионально-психологической пригодности сотрудников правоохранительных органов в зарубежных странах. Автором проведен сравнительный анализ силовых струк зарубежных стран и Республики Таджикистан.

***Ключевые слова:*** профессиональная пригодность, профессионально-психологическая пригодность, кандидат, сотрудник, психодиагностика, психологическое тестирование, психологическая беседа, психологическое состояние.

***Annotation.*** The article deals with the problem of professional and psychological fitness of law enforcement officers in foreign countries. The author made a comparative analysis of the power structures of foreign countries and the Republic of Tajikistan.

***Keywords***: professional suitability, professional-psychological suitability, candidate, employee, psychodiagnostics, psychological testing, psychological conversation, psychological state.

Дар аксар кишварҳои Ғарб гузаронидани мувофиқати касбӣ-психологӣ шарт ва зарур ҳисобида мешавад. Дар Амрико бошад, ин амал мувофиқи қонунгузорӣ сурат мегирад. Акнун мувофиқати касбӣ-психологиро дар қисме аз мамлакатҳои Ғарб ба таври мухтасар ишора хоҳем кард:

Фаъолияти политсия дар Британияи Кабир одатан ба фаъолияти муқаррарӣ шабоҳат дорад. Мақсаду ҳадафи асосии политсия – ин хизмат ба ҷомеа, шаҳрвандон ва баъдан ҳукумату давлат мебошад [7].

Ҳанӯз дастури Роберт Пиля, ки онро соли 1829 қабул намуда буд, мавриди истифодаи мақомоти мазкур қарор дорад: «Ҳар як корманди полит-

сия бояд дар хотир дорад, ки қарзи вай дар ҳимоя, таъмини кӯмаки шаҳрвандон ва дастгирии ҷинояткорон ба шумор меравад. Инчунин бояд дар бартарафнамоии ҷиноят новобаста аз вазъи иҷтимоии шаҳрвандон ташаббусро зоҳир намояду худро ҳамчун хизматгори халқу ватан ҳис кунад».

Дар политсия ҳар сол тақрибан панҷ ҳазор довталаб ба кор қабул карда мешаванд. Аз сабаби машҳур будани мақомоти политсия, он ба таблиғот эҳтиёҷ надорад.

Барои дохил шудан ба Коллеҷи политсияи Лондон озмун 1/10 буда, барои ба қайд гирифтан комиссияи мандатӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани аттестат дар бораи маълумоти миёнаи пурра имтиҳони хаттӣ аз забони англисӣ супорида хоҳад шуд. Бо вҷуди ин, бо довталаб суҳбат низ гузаронида шуда, дар ин раванд мароми таҳсил, диққатнокӣ ва мушоҳидакории онҳо омӯхта мешаванд.

Хизмат дар политсия кори бонуфузи дорои музди меҳнати баланд маҳсуб меравад. Барои рутбаи сержантиро соҳиб гардидан, давраи муайяни вақт, тавсифномаҳои мусбӣ ва ғолиб омадан дар озмун зарур аст.

Довталаби қабулгардида, ба шеъбаи маҳалӣ равона карда мешавад, ки муддати як сол ба сифати полис хизматро ба анҷом мерасонад ва агар дар давоми ин муддат худро аз ҷиҳати мусбат зоҳир намояд, он гоҳ ӯ ба муддати як ҳафта ба маркази таълимии минтақавӣ фиристода мешавад ва баъдан барои коромӯзии яксола ба шӯъбаи маркалзии ваколатдори политсияи шаҳр ё графства сафарбар хоҳад шуд.

Минбаъд, агар дар ин ҷода низ худро муаррифӣ намояд, ба ӯ маҷмӯи маводҳои таълимӣ барои дохилшавӣ ба мактаби муфаттишӣ (детектив) барои омодагии мустақилонаи се моҳа тақдим мешавад, ки дар ин ҷо омӯзиш шаш ҳафтаро дар бар хоҳад гирифт.

Дар мақомоти политсияи Олмон 350 ҳазор нафар, яъне 80% аз шумораи умумии кормандони полисро ҳайати қаторӣ, 19%-ро ҳайати миёнаи роҳбарикунанда ва 1%-ро ҳайати олии роҳбарикунанда ташкил медиҳанд [6, с.180-186]..

Барои ба кор дар мақомот дохил шудан ва ё таҳсил мебояд шаҳрванди ин мамлакат буд. Маълумот: миёнаи пурра ва ё нопурра, синну сол аз 16 то 25 сола. Мавҷудияти коршоямии ақлӣ, психологӣ, ҷисмонӣ, надоштани доғи судӣ, набудани таҷрибаи истеъмоли маводи мухаддир ва майзадагӣ маврили диққати ҷиддии мутахассисон қарор мегиранд.

Имтиҳони хаттӣ барои санҷиши забондонӣ ва қобилиятҳои мантиқӣ равона гардидааст. Зимни қабул ба кор санҷиши ҷисмонӣ гузаронида шуда, баъдан муоинаи тиббӣ карда мешавад ва дар ҳузури психолог барои муайян намудани маҳорати улфатпазирӣ, қобилиятҳои таҳлилнамоию мантиқӣ суҳбат ва тестҳои махсус гузаронида мешаванд.

Дар Фаронса 20 мактаби омода кардани полисҳои қаторӣ (озмун 10 - 15 довталаб барои як ҷой), 2 мактаб барои тайёр намудани ҳайати миёнаи роҳбарикунанда ва як мактаб барои тайёр кардани ҳайати олии роҳбарикунанда (40-60 нафар барои як ҷой) фаъолият менамоянд.

Довталаби барои кор дар ҳайати қаторӣ муроҷиаткарда, пеш аз ҳама аз санҷиш барои муайян кардани донишҳои мактабӣ мегузарад. Дар сурати гузаштан аз ин марҳила ӯ барои супоридани имтиҳонҳо рухсат мегирад (диктант, иншо, супоришҳои математикӣ). Ниҳоят давраи охиринро сӯҳбат бо комиссия ташкил медиҳад (роҳбарият, кормандони мақомот ва психолог). Дар ин комиссия баҳогузорӣ чунин сурат мегирад: холҳои аз имтиҳони омодагии ҷисмонӣ гирифташуда ба 1 ва холҳои аз ҳалли масъалаҳои ақлӣ бадастовардашуда бошад, ба 4 зарб карда мешавад.

Дар Амрико системаи кории мазкур мутамарказ набуда, интихоб дар штатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳар як мақомот маркази худро дошта,

омодагии махсусро талаб мекунад [2, с.30].

Интихоби кадр дар Амрико ба тартиб дароварда шуда, дар асоси талаботҳои мазкур амалӣ карда мешаванд: санҷиши амиқи махсуси довталаб, тестгузаронӣ аз тарафи психологҳои касбӣ, истифодаи методикаҳое, ки маҳз ба ҳамон соҳаи мақомоти қудратӣ равона шудаанд (полиграф ҳатман истифода мешавад).

Дар ин мамлакат марҳилаи мувофиқати касбӣ-психологӣ аз давраи супоридани ҳуҷҷатҳо то анҷоми муҳлати санҷишӣ давом мекунад. Бо мақсади таъмини сарфакорӣ мувофиқати касбӣ ба таври ҷиддӣ амалӣ мегардад: аз санҷиши аз ҳама арзонтарин (санҷишҳои хаттӣ, санҷиши омодагии ҷисмонӣ) то санҷиши гаронарзиш (гузаронидани тестҳои психологӣ ва комиссияи тиббӣ).

Ҳангоми санҷиши довталабон одатан психолог чунин сифатҳоро дар мадди аввал муайян менамояд: ташаббускорию масъулиятнокӣ, дар вазъиятҳои мураккаб танҳо амал карда тавонистан, ба роҳ монда тавонистани муносибат бо намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, фарҳангию этникӣ, ба тағйири вазъият зуд эътино карда тавонистан, ба тағйиротҳои технологӣ тез мутобиқ шудан, хоҳиши кӯмак расонидан ба одамон дар ҳолати бенавоии онҳо, маҳорати дигаронро фаҳмида тавонистан, идора карда тавонистани эмотсияҳои худ ва ғ.

Дар ИМА тестҳои махсусе коркард шудаанд, ки аз ҷониби шӯъбаҳои махсус ва вобаста ба талаботҳои онҳо истифода карда мешаванд. Тестҳои ба таври васеъ истифодашаванда дар ин мамлакат тестҳои ташхиси инкишофи ақлӣ, мусоҳиба ва намудҳои гуногуни он, тестҳои вазъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Литва таҷрибаи Аврупо (Олмон ва Фаронса) истифода мегардад. Омода намудани кадрҳои мақомоти қудратӣ танҳо дар як муассиса қарор дошта, он Академияи ҳуқуқи Литва номгузорӣ гардидааст ва таҳсил дар он аз се давра иборат аст. Довталабон танҳо дар асоси роҳхати коммисарҳои политсия қабул карда мешаванд. Интихоб аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳо ва озмоиши психологӣ сурат мегирад.

**Федератсияи Россия.** Мувофиқи қонунгузории Федератсияи Россия «Дар бораи политсия» ба мақомот шаҳрвандони Федератсияи Россия аз 18 то 35 солаи ҷисман ва рӯҳан солим, новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, мансаб, ҷои истиқомат, муносибат бо дин, мансубият ба табақаи иҷтимоӣ ва ғ. ҳуқуқи ба кор қабул шуданро доранд [2].

Дар Россия истифодаи полиграф «детектори дурӯғ» ба таври васеъ монда шудааст.

Мутахассисони Маркази ташхиси психологии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ҳангоми истифодаи тестҳо барои омӯзиши сифатҳои фардӣ ва хусусиятҳои шахсӣ 3 роҳёфтро ҷиддӣ ба инобат мегиранд.

1. Роҳёфти объективӣ. Ин роҳёфт дар асоси қайдҳо ва таҳлили нишондодҳои объективии бомуваффақият иҷро намудани фаъолият такя мекунад.

2. Роҳёфти субъективӣ. Роҳёфти мазкур дар ҷамъ ва таҳлил намудани маълумотҳои озмудашаванда асос меёбад. Зимни ин, аз ҷониби мутахассисон миқдори зиёди анкетаҳо, саволномаҳо, методикаи суҳбат ва мушоҳида истифода мешавад.

3. Роҳёфти лоиҳавӣ. Дар чунин фарзия такя мекунад: ҳар як зуҳуротҳои эмотсионалии фард (идрок, ҳиссиёт) метавонанд яке аз нишонаҳои шахсиятро ташкил диҳанд.

Усули асосии қабули довталабон ба кор ва ё таҳсил дар давраи пешакӣ аз ҷониби равоншиносони шӯъбаҳо сурат мегирад: методи тарҷумаҳолӣ, методи ҷамъкунии анамнези психологӣ, методи суҳбат ва мушоҳида. Ҷанбаҳои ақлӣ ва иҷтимоӣ-психологии довталаб омӯхта мешаванд. Ҳамчунин, чунин ҷанбаҳо дар маркази диққати равоншиносони Марказ қарор мегиранд:

– нутқи даҳонӣ (кам будани фонди луғавӣ, лакнати забон, ҷавобҳоро ба тартиб даровarда ната-

вонистан, истифодаи иборахои бетартибу бемантик);

– нутқи хаттӣ (мавҷуд набудани малакаҳои оддитарини навиштан, хатоҳои зиёди имлогӣ);

– сатҳи маълумотнокӣ (надонистани маълумоти оддитарин дар соҳаҳои математика, ҷуғрофия, таърих, сохтори сиёсии Федератсияи Россия, ҳаводиси ҷории Федератсия Россия ва хориҷи кишвар);

– шавқу ҳавасҳо (равияи зиддиҷамъиятӣ, аксаран майзадагӣ, давраги истифода намудани моддаҳои фаъолкунандаи психикӣ, майл ба оворагардӣ, дохил будан ба равияҳои динӣ);

– рафтори адекватӣ ва намуди зоҳирӣ (надонистани меъёри рафтор ва муошират ва ё беэътиноии онҳо, дағалӣ, беодобӣ, ихтилофнокӣ, хунукии эмотсионалӣ, нозкунӣ, шомил шудан ба гурӯҳҳои ғайрирасмӣ ва ғ).

Дар рафти санҷиш равоншиносони Маркази ташхиси психологии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия чунин методикаҳоро истифода менамоянд: МБТШ (шакли васеи он, ки 566 саволро дар бар мегирад, инчунин намуди MMPI), тести рангаи М. Люшер ва тести кӯтоҳкардашудаи интихобӣ.

Даври хотимавии мувофиқати касбӣ-психологиро психологони шуъбаҳо амалӣ менамоянд.

Баъди ба даст гирифтан ва таҳлили омӯзиши иҷтимоӣ - ҳуқуқии довталаб ва қарори Комиссияи марказии ҳарбӣ-тиббӣ ва хулосаи Маркази ташхиси психологӣ ба кадр фиристода мешавад.

### АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Ковалеский В.Ф. Военная профессиология: проблемы теории и практики. М. 1983.
2. Қонуни федералии Россия «Дар бораи политсия» аз 07.02.2011 таҳти № 3-ФЗ / Сарчашмаи электронӣ: http://www.consultant.ru/document (санаи мурочиат – 07.02.2017)
3. Латифзода С.З. Меъёрҳои касбӣ-психологии қабули номзадҳо ба мақомоти корҳои дохилӣ ва роҳнамоии психологии онҳо. - Душанбе-2015.
4. Основные методы профессионального психологического отбора в органах внутренних дел Российской Федерации: Методическое пособие. – Пермь. 2003.
5. Расулов С.Х. Рузиев С.З. Аз таърихи истифодаи донишҳои психологӣ дар мақомоти қудратӣ // Осори Академия. № 2 (26). 2015. – С.113-119.
6. Шушкевич И.Ч. Подготовка полицейских сил в Великобритании. - Известия Методического центра профессионального образования и координации научных исследований ГУКиКП МВД России, 1997, №1. - С.187-193.
7. Шушкевич И.Ч., Ефимкин С.В. Профессиональный отбор в правоохранительные органы.-Известия Методического центра профессионального образования и координации научных исследований ГУКиКП МВД России, 1997, № 2.

## ОРГАНИЗАЦИЯ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АНТИТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ПОДРАЗДЕЛЕНИЙ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

## ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҶУЗЪУ ТОМҲОИ ЗИДДИТЕРРОРИСТӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

## ORGANIZATION AND ACTIVITY OF ANTI-TERRORIST DIVISIONS OF FOREIGN COUNTRIES



**МИРЗОРУСТАМОВ МИРЗОАЛИШЕР МИРЗОКОСИМОВИЧ**
*адъюнкт Академии управления МВД России,*
*старший лейтенант милиции (12.00.11.)*

***Аннотация:*** Статья посвящена организационному опыту и подготовке специальных подразделений по борьбе с терроризмом зарубежных стран, их методам противодействия международному терроризму.

***Ключевые слова:*** быстрое реагирование, специальная тактическая подготовка, борьба с терроризмом, решение специфических задач, ликвидация и подавление террористических группировок.

***Аннотатсия:*** Мақола ба таҷрибаи ташкилӣ ва тайёрии гурӯҳҳои махсус бар-зидди терроризм дар кишварҳои хориҷӣ ва усулҳои муқовимат бо терроризми байналмилалии онҳо бахшида шудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** аксуамали фаврӣ, тайёрии махсуси тактикӣ, мубориза бо терроризм, ҳалли вазифаҳои хоса, нест кардан ва заифгардонии гурӯҳҳои террористӣ.

***Annotation***: The article is devoted to the organizational experience and training of special units on combating terrorism of foreign countries, their methods of countering international terrorism.

***Keywords***: rapid reaction, special tactical preparation, fight against terrorism, solution of specific tasks, liquidation and suppression of terrorist groups.

Рост террористической активности, профессионализма террористов, разнообразия их технического оснащения и изобретательности со всей остротой поставил перед правоохранительными органами многих государств вопрос о создании и подготовке специальных сил, способных противодействовать терроризму.

В этих условиях с целью эффективной борьбы с терроризмом, охватившем территории всех континентов, в зарубежных странах придается важное значение созданию эффективных антитеррористических служб и подразделений для активизации борьбы с терроризмом [1].

Повышение уровня организованности антитеррористических служб стало уже глобальной тенденцией, тем более, что международное взаимодействие спецподразделений различных государств дает большие возможности для изучения взаимного опыта борьбы с терроризмом. При этом размах и опасность терроризма привели к тому, что антитеррористические подразделения начали со-

здавать не только в рамках правоохранительных структур, но и в вооруженных силах.

В настоящее время отряды по борьбе с терроризмом в зарубежных странах, особенно в ведущих государствах, действуют в соответствии с современными антитеррористическими концепциями, отражающими следующие основные положения:

- направленность спецподразделений на выполнение полицейских задач главным образом борьбу с террористическими угрозами;

- гибкость в управлении как в целом отрядами, так и их отдельными структурами;

- умение мгновенно реагировать на меняющуюся оперативную обстановку;

- проведение специальных тактических антитеррористических учений.

В соответствии с положениями таких концепций происходит и дальнейший процесс специализации антитеррористических отрядов: на базе уже известных подразделений создаются новые команды, подготовка и использование которых осуществляется по современным программам.

В США, где акты терроризма известны уже давно, антитеррористические подразделения организованы и действуют в структуре полиции, спецслужб и вооруженных сил. Специальные подразделения [2] действуют в экстремальных ситуациях, в том числе для освобождения заложников, и созданы практически при каждом крупном городском департаменте полиции во всех штатах этой страны.

На федеральном уровне такие подразделения существуют в ФБР, ЦРУ, Министерстве обороны и в ряде других ведомств.

Еще К. Д. Ушинский отмечал, что, «сделав занимательным процесс обучения, вы можете не бояться наскучить обучаемым, но помните, что не все может быть занимательным в обучении, а непременно есть и скучные вещи, и должны быть. Приучите обучаемых делать не только то, что их занимает, но и то, что не занимает,— делать ради удовольствия исполнить свою обязанность» [7, С.252]. Далее, в результате активизации внимания пограничник дополнительно выяснил, что эти люди на берегу чего-то нестандартного погружают в лодку. К тому моменту пограничник уже усваивал процесс, за которым наблюдал и осознал, что объект своей загадочностью непроизвольно притягивает его внимание к себе. Мы видим, что непроизвольное внимание пограничника вызвала возникшая связь между загадочностью объекта и потребностью пограничника достичь реального результата в ходе пограничной службы. Таким образом, пограничник проявляет пример после произвольного внимания, которого Н.Ф. Добрынин ввел в психологию как понятие.

Объем внимания определяется количеством и свойством одновременно отчетливо воспринимаемых объектов. Обычно он совпадает с объемом кратковременной памяти. Вероятность идентичности внимания с бдительностью считается заслугой свойств внимания человека, которые достаточно многообразны. Пограничник при наблюдении за объектами может сосредотачивать свое внимание то на одного, то на другого из них. Бывает и так, что он выделяет особое внимание одному из этих объектов. В первом случае можно придавать вниманию свойство распределяемости, а во втором случае свойство концентрированности. Как считал И. П. Павлов, в каждый момент времени в коре имеется какой-либо участок, характеризующийся наиболее благоприятными, оптимальными условиями для возбуждения. Этот участок возникает по закону индукции нервных процессов, в соответствии с которым нервные процессы, концентрирующиеся в одной области коры головного мозга, вызывают торможение в других ее областях (и наоборот). В оптимальном очаге возбуждения легко образуются новые условные рефлексы, успешно вырабатываются дифференцировки, это в данный момент - «творческий отдел больших полушарий». Очаг оптимальной возбудимости динамичен. И. П. Павлов писал: «Если бы можно было видеть сквозь черепную коробку и если бы место больших полушарий с оптимальной возбудимостью светилось, то мы увидели бы на думающем сознательном человеке, как по его большим полушариям передвигается постоянно изменяющееся по форме и величине причудливо неправильных очертании светлое пятно, окруженное на всем остальном пространстве полушарий более или менее значительной тенью» [4, С.308-309]. Это светлое «пятно» и соответствует очагу оптимального возбуждения, его «перемещение» - физиологическое условие динамичности внимания.

Положение И. П. Павлова о движении очагов возбуждения по коре головного мозга подтверждается современными экспериментальными исследованиями. Когда внимание у пограничника дол-

го поддерживается активным на каком-либо направлении наблюдения, то придают ему свойство устойчивости. Большое значение для сохранения устойчивого сосредоточения имеет активность личности. Активность может проявляться во внешне выраженных практических действиях с объектами. Важную роль играет и внутренняя активность, связанная с решением разнообразных перцептивных и мыслительных задач, которые требуют наиболее полного отражения объектов сосредоточения. Постановка и решение задач, предполагающих рассмотрение объектов с разных сторон, выделение в них новых свойств и качеств, раскрытие их содержания, установление связей — наиболее важные условия сохранения длительного сосредоточения. К. С. Станиславский, рассматривая вопрос о сценическом внимании актера, отмечал, что «внимание к объекту вызывает естественную потребность что-то сделать с ним.

Действие же еще более сосредоточивает внимание на объекте. Таким образом, внимание, сливаясь с действием и взаимно переплетаясь, создает крепкую связь с объектом» [5, С.102]. Свойство избирательности внимания это его успешная настройка на сознательное восприятие информации при наличии помех. Способность внимания быстро переключаться с одного объекта на другой выражает его свойство переключаемости. Правда, некоторые психологи считают, что последнее свойство на самом деле отражает очень быстрое переключение внимание, когда оно так быстро переходит с одного объекта на другой, что у наблюдателя создается иллюзия одновременного сосредоточения внимания на нескольких объектах, которое относится к категории навыка. К примеру, легенда о способности римского правителя Юлия Цезаря, который мог одновременно делать несколько дел: читать, слушать и отдавать распоряжения. Скорее всего, он просто мог очень быстро переключать свое внимание с одного дела на другое, но на современников такая способность производила сильное впечатление.

Таким образом, нами рассмотрены некоторые аспекты психологии внимания, которые считаются первоосновами пограничной бдительности на государственной границе. Из всего этого и в том числе результатов исследования можно сделать вывод, что возможности обработки результатов ограничены, но все же информация от различных раздражителей просачивается в наше сознание. Т.е. получается, во-первых, что внимание может распределяться, а во-вторых, есть задания, выполнение которых почти не требует внимания, т.к. происходит автоматическая обработка информации. Действительно среди многих психических процессов в природе человеческого существования феномену внимания уделяется значительное количество анализов и исследований.

В пограничной службе, как одному из областей активной деятельности человека, которая направлена на обеспечении безопасности некоторой общности людей, психологию внимания рассматривают в роле направляющего когнитивных процессов овладения пограничного навыка. Подходы, объясняющие феномен внимания, считают главной какую-то одну сторону в сложном комплексе психической деятельности человека, хотя многие из этих гипотез не получила ещё всеобщего признания. Сегодня, внимание как основа пограничной бдительности, столь необходимое для реализации антропологических вариантов решения проблем, существующих в сфере охраны государственной границы, находиться на стадии научного изучения. Возможно, в результате дальнейшего изучения военно-психологических аспектов феномена внимания, ученые придут к важным научным открытиям, облегчающим пограничную службу, лежащую на долю воина-пограничника.

**Использованная литература:**

1. Гальперин П. Я., Кабыльницкая С. Л. Экспериментальное формирование внимания. М., Изд-во МГУ, 1974.
2. Запорожец А.В., Эльковин Д.Б. Психология детей дошкольного возраста. - М., 1964.
3. Маркс К. Капитал, т. I,—Маркс К. и Энгельс Ф. Соч., т. 23.
4. Павлов И. П. Двадцатилетний опыт объективного изучения высшей нервной деятельности (поведения) животных. — Полн. собр. соч. М.—Л. Изд-во АН СССР, 1951, т. III, кн. 1.
5. Станиславский К. С. Работа актера над собой. - Собр. соч. в 8-ми т. М., Искусство, 1954, т. 2.
6. Ушинский К. Д. Программа педагогического курса для женских учебных заведений. — Собр. соч. М.—Я., Изд-во АПН РСФСР, 1950, т. 10.
7. Ушинский К. Д. Родное слово.— Собр. соч. М.—Л., Изд-во АПН РСФСР, 1949, т. 6.

# Соотношение понятий «чрезвычайная ситуация» и «чрезвычайное обстоятельство» в законодательстве Республики Таджикистан

# Таносуби мафҳумҳои «вазъияти фавқулодда» ва «ҳолати фавқулодда» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

# The Relation Of The Concepts Of "Emergency Situation" And "Extreme Circumstances" In The Legislation Of The Republic Of Tajikistan



**Савирзода Давлат Мирали**
*Преподаватель кафедры защиты в чрезвычайных ситуациях факультета № 5 Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции*

***Аннотация:*** В статье затрагивается широкий круг вопросов, связанных с разграничением понятий «чрезвычайная ситуация» и «чрезвычайные обстоятельства», как с теоретической, так и с правовой точки зрения.

***Ключевые слова:*** чрезвычайная, ситуация, обстоятельства, природный катаклизм, техногенная катастрофа, социальный уровень, условия.

***Аннотатсия:*** Дар мақола доираи васеи масъалаҳо, ки бо тафриқаи мафҳумҳои «вазъияти фавқулодда» ва «ҳолати фавқулодда» вобаста мебошанд, ҳам аз тарафи назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дида мешавад.

***Вожаҳои калидӣ***: фавқулодда, вазъият, ҳолат, катаклизми табиӣ, садамаи техногенӣ, сатҳи иҷтимоӣ, шароит.

***Abstract:*** The article touches on a wide range of issues related to the delineation of the concepts "emergency situation" and "extraordinary circumstances", both from the theoretical and legal point of view.

***Keywords:*** emergency, situation, circumstances, natural cataclysm, technogenic catastrophe, social level, conditions.

**В** юриспруденции, как ни в какой другой сфере человеческой деятельности, неприемлемо применение неоднозначных понятий, которые не имеют четких правовых границ. Это может провоцировать жизненные коллизии, влекущие для участников нежеланные правовые последствия.

В законодательных актах, научной и специальной литературе нет общеприемлемого подхода и единства мнений в понимании содержания определений «чрезвычайная ситуация» и «чрезвычайные обстоятельства».

В словаре русского языка Ожегова С.И., под «ситуацией» понимается положение, и означает сочетание условий и обстоятельств, создающих определенную обстановку, положение [1, - с. 587].

В словаре русского языка под редакцией Евгеньевой Л.П., слово «обстоятельство» означает «условие, определяющее положение существования кого-нибудь или чего-нибудь, или явление, сопутствующее другому явлению (событию) и с ним связанное» [2, - с. 569]. Это определение поддерживается и другими авторами.

Термин «чрезвычайный», есть не предусмотренный обычным ходом дел, внезапно возникший…. В отдельных изданиях чрезвычайная ситуация определяется как «неожиданная, непредвиденная обстановка, требующая немедленных действий» [3, - с. 71].

Профессор А.В. Мелехин отмечает, что термин «ситуация» является более широким понятием по соотношению к термину «обстоятельства». Далее уточняет, что в пользу такого вывода свидетельствует и устойчивый характер часто применяемого словосочетания «в конкретной ситуации действовать по обстоятельствам». Подобная конструкция применяется и в тексте Конституции Российской Федерации. В частности, статья 88 определяет, что «Президент Российской Федерации при обстоятельствах и в порядке, предусмотренных федеральным конституционным законом вводит на территории Российской Федерации или его местностях чрезвычайное положение…» [4, - с. 96].

Необходимо отметить, что чрезвычайные ситуации вызываются явлениями природного (биологические катаклизмы, стихийные бедствия), техногенного (аварии, катастрофы), и социального (неорганизованные массовые выступления граждан, обострения межнациональных отношений, групповые нарушения общественного порядка, массовые беспорядки, захваты самолетов, заложников, вооруженные побеги преступников) характера.

А.П. Зайцев определяет чрезвычайную ситуацию, «как обстоятельства, возникающие в результате стихийных бедствий, аварий и катастроф в промышленности и на транспорте, экологических катастроф, диверсий или факторов военного, социального и политического характера, которые заключаются в резком отклонении от норм протекающих явлений и процессов и оказывающих значительное воздействие на жизнедеятельность людей, экономику, социальную сферу или природную среду» [5].

Отстаивая идею универсализации понятия «чрезвычайная ситуация», Б.П. Кондратов считает, что «чрезвычайная ситуация - это обстановка на определенной территории, сложившаяся в результате опасного природного, техногенного и социального явления, создающая угрозу жизненно важным интересам личности, общества и государства, требующая принятия неотложных адекватных мер правового, экономического, организационного и иного характера» [6, - с. 248].

Из многообразия содержания цитированных определений «чрезвычайная ситуация» вытекает, что она представляет собой как явления (события) природного, техногенного характера, так и социального характера. Почти аналогичная позиция, как с теоретической точки зрения, так и в правотворческой деятельности сложилось и по отношению термина «чрезвычайные обстоятельства».

Профессор А.Ф. Майдыков относит к чрезвычайным обстоятельствам возления природного характера (ураганы, наводнения, землетрясения и др.), биологические (эпидемии, эпизоотии) и социального характера, среди которых выделяет политические, экономические, этнические, религиозные и криминальные [7, - с. 5-7].

Профессор С.А. Старостин в своем исследовании признает, что понятие «чрезвычайное обстоятельство» и «чрезвычайное обстоятельство криминального характера» в органах и подразделениях МВД России более употребляемы по отношению к понятию «чрезвычайная ситуация». Отсюда он приходит к выводу, что необходимо их использовать вместе, но одно понятие «чрезвычайная ситуация» как основное, обобщающее, а другое понятие «чрезвычайное обстоятельство» как частное, определяющее конкретные криминальные деяния [8].

В Законе РТ «О безопасности» 28 декабря 1993 г. № 918 определяющих функции Совета Безопасности Республики Таджикистан, для обозначения всех видов кризисных ситуаций, истекающих от содержания внутренних и внешних угроз, широко применяется термин «чрезвычайная ситуация». В частности в ст. 9 указанного закона к основным функциям системы безопасности,

наравне с другими, относятся: «управление силами и средствами обеспечения безопасности в повседневных условиях и при чрезвычайных ситуациях; осуществление системы мер по восстановлению нормального функционирования объектов безопасности в районах, пострадавших в результате возникновения чрезвычайной ситуации».

Как отмечает профессор Мелехин А.В., такой подход позволяет исследователям применить комплексный подход к пониманию чрезвычайных ситуаций, выделяя следующие виды: социальные, природные и техногенные» [4, - с. 93].

В Законе РТ «О безопасности» определение понятия ЧС не предлагается. В связи с этим, понятие закрепленной в Законе Республики Таджикистан «О защите населения и территорий от чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера» от 15 июля 2004 г. № 53, является официальным и приоритетным по отношению ко всем другим определениям ЧС, данным в научных трудах, других законодательных и иных нормативных правовых актах.

Понятие «чрезвычайная ситуация» представляет обстановку на определенной территории, сложившаяся в результате аварии, опасного природного явления, катастрофы, стихийного или иного бедствия, которые могут повлечь или повлекли за собой человеческие жертвы, ущерб здоровью людей или окружающей природной среде, значительные материальные потери и нарушения условий жизнедеятельности людей**.**

Таким образом, к настоящему времени кризисные ситуации социального, политического и военного характера нормативно на законодательном уровне выведены за рамки понятия «чрезвычайная ситуация» и объединены только общими для них вопросами безопасности, правовые основы, обеспечения которых закреплены Законом РТ «О безопасности».

В специальной литературе термины «чрезвычайная ситуация» и «чрезвычайные обстоятельства» в большинстве случаев выступают как взаимоисключающие понятия, определяющие содержание непредвиденных или внезапно возникших событий, как природного и техногенного характера, так и социального.

В законодательном уровне, термин "чрезвычайные обстоятельства" использующийся только в ведомственных нормативно-правовых актах и представляет собою, как кризисные явления социальной сферы, так и чрезвычайные ситуации природного и техногенного характера. Словосочетание "чрезвычайная ситуация" в настоящее время общепринято законодательно определенным термином и характеризует кризисные явления только в природной и техногенной сферах.

**Использованная литература:**


1. Ожегов С.И. Словарь русского языка. М.,1988.
2. Словарь русского языка / Под ред. Евгеньевой Л.П. - 2-е изд. испр. и доп. - И: Русский язык. 1981-1984.
3. Тычинин С.В., Дзейтов С.А. К понятию чрезвычайной ситуации. / Сб. трудов адъюнктов и соискателей. Выпуск 4. // Институт МВД РФ. С-Петербург. 1995.
4. Мелехин А.В. Проблемы реализации чрезвычайного законодательства Российской Федерации: Монография. – М.: Академия управления МВД России, 2005.
5. Зайцев А.П. Чрезвычайные ситуации. Краткая характеристика и классификация. // Библиотечка журнала «Военные знания» - М., 1997.
6. Кондратов Б.П. Общественная безопасность и административно-правовые средства ее обеспечения: Монография. - М. 1998.
7. Майдыков А.Ф. Правовые и организационные основы обеспечения тональной безопасности России правоохранительными органами // Совершенствование системы экстренного реагирования органов внутренних дел и внутренних войск на чрезвычайные обстоятельства: Труды/ Академия МВД России. - М., 1996.
8. Старостин С.А. Управление органами внутренних дел при чрезвычайных ситуациях (правовые и организационные аспекты): Автореферат, дисс. д-ра. юрид. наук. - М.: Академия управления МВД России. 2000.
9. Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 декабря 1993 г. № 918. Электронный ресурс: mmk.tj

# Волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавкеи он дар низоми конунгузорӣ

# Верховенство Конституции Республики Таджикистан и ее положение в системе законодательства

# Supremacy of the Constitution of the Republic of Tajikistan and its position in the legislation system



**Саидова Меҳрубон Акбархоновна**
*адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.00.08), лейтинанти милитсия*

***Аннотатсия:*** Муаллиф муҳиммияти мавзӯи баррасишавандаро аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон оғоз намудааст.

Муҳаққиқ муҳиммияти мавзӯи мазкурро амиқ дарк намуда, бомаҳорати эҷодкории худ, бо дарназардошти фикру ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар вобаста ба моҳият ва усулҳои волоияти конститутсия хулосавапешниҳодҳои худро манзури хонанда намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки Конститутсия дар байни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо аҳамияти калон доштани мавзӯи (муносибатҳои ҷамъятии) батанзимдарориаш фарқ мекунад. Ғайр аз ин, Конститутсия падидаҳои асосии давлатро таъсис ва вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро муайян намуда, ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонад.

***Вожаҳои калидӣ:*** Конститутсия, ҳуқуқи инсон, қонун, волоияти ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ, низоми ҳуқуқӣ, санади олии ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон.

***Аннотация:*** Автор начала свое исследование с важности акцентированных в выступлении Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Эмомали Рахмон вопросов о верховенства закона. Автор, глубоко понимая важность рассматриваемой темы, с учетом мнений отечественных и зарубежных ученых по вопросу характера и методов верховенства конституции, предлагает свои рекомендации в данном направлении.

Автор отмечает, что Конституция проводит различия между законами и иными правовыми актами в зависимости от предмета регулирования общественных отношений.

Кроме того, Конституция определяет основные явления государственного становления и правового статуса человека и гражданина, влияет на активность правотврчесва.

***Ключевые слова*:** Конституция, права человека, верховенство права, правовая система, система законодательства, высший правовой акт, права и свободы человека.

***Annotation***: The author began her research with the importance of questions on the rule of law, emphasized in the speech of the Founder of the World and National Unity - the Leader of the Nation, President Emomali Rahmon. The author, deeply understanding the importance of the topic

under consideration, taking into account the opinions of domestic and foreign scholars on the nature and methods of the supremacy of the constitution, offers its recommendations in this direction.

The author notes that the Constitution makes distinctions between laws and other legal acts depending on the subject of regulation of public relations.

In addition, the Constitution defines the main phenomena of the state formation and legal status of a person and citizen, affects the activity of right-brain.

***Keywords***: Constitution, human rights, rule of law, legal system, legal system, higher legal act, human rights and freedoms.

Муайян сохтани мазмун ва моҳияти усули волоияти Конститутсия аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ дорад. Тадқиқотҳо дар хусуси ин усул ва роҳҳои таъмини волоияти конститутсия, дар заминаи таҳлили конститутсияи давлати мушаххас, қиёси конститутсияи давлатҳои ҷаҳон бо якдигар дар адабиёти ҳуқуқӣ кам нестанд [1].

Оид ба мавзӯи таснифи қонунҳо аз рӯйи мазмун ва неруи ҳуқуқӣ дар баъзе сарчашмаҳои илмии давраи Шӯравӣ мавқеи конститутсия дар низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ таҳлил гардидабуданд [2,С.48-53, С.78-86].

Дар тадқиқотҳои нисбатан нави масоили ҳуқуқэҷодкунӣ ва таснифи меъёри ҳуқуқ низ баъзе хусусиятҳои конститутсия мавзӯи таҳлил қарор гирифтаанд [3,-С.111-139].

Вале ин мавзӯъ хеле гуногунҷабҳа буда, вобаста ба хусусияти конститутсияи ҳар як давлат ва низоми қонунгузории ба он хос онро аз самтҳои гуногун таҳлилу тадқиқ кардан мумкин аст [4].

Ҳамингуна кӯшишҳо дар хусуси муайян кардани нақши волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеи он дар низоми қонунгузории ҷумҳурӣ, таносуби он бо санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва нақши волоияти он дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи ҷумҳурӣ дар илми ҳуқуқӣ пеш гирифта шудаанд [5,-С.111-139].

Тадқиқи мавқеи конститутсияро дар низоми ҳуқуқӣ олимон ба чандин омилҳо алоқаманд медонанд.

Масалан ба ақидаи академик Ф.Тоҳиров «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои конститутсионии сохти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсиро муқаррар намуда, дар қуллаи аҳроми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қарор гирифтааст. Чунин мавқеи баланди конститутсия бо он алоқаманд аст, ки санади олии меъёрии ҳуқуқӣ буда, қувваи баландтарини ҳуқуқӣ, волоият ва бевосита амалкунӣ дар ҳудуди мамлакат дорад» [6,-С.91-96].

Волоияти конститутсия пеш аз ҳама дар тарзи қабул ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он ифода меёбад. Волоияти Конститутсия сифати хоси он буда, маънои паҳн гардидани амали меъёрҳои конститутсионӣ ҳамчун қонун дар тамоми қаламрави давлат ва нисбати шаҳрвандони дар он истиқоматдоштаро дорад. Чӣ хеле ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Зариф Ализода ибрози андеша менамояд: «волоият ин аз ҷониби ҷомеа эътироф ва эҳтироми қонунро ифода карда, ҷомеа эътиқод ва эътимод ба он дорад, ки ҳуқуқи мавҷуда риоя ва иҷро гардида, адолату ҳақиқат дар ҷомеа ҳукмрон гардад» [7,-С.37].

Волоияти конститутсия – ин санади олии ҳуқуқӣ ва эътибори олии ҳуқуқӣ доштани конститутсия аст. Принсипи мазкур дар қисми якуми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл мустаҳкам карда шудааст: «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд». Муқарраротӣ мазкур пеш аз ҳама ин таъмини ҳуқуқии волоияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон дар низоми ҳуқуқӣ мавқеи баландтаринро ишғол мекунад. Ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқӣ дар заминаи он қарор мегиранд. Ҳеҷ як соҳаи ҳуқуқие нест, ки дар Конститутсия асоси он дар ин ё он сатҳ муайян нагашта бошад. Хислати ҳуқуқ муқаррарнамоии Конститутсия ду сатҳро дар бар мегирад. Якум, ҳар як соҳаи ҳуқуқ дар асоси меъёрҳои мушаххаси конститутсионие пайдо мегарданд, ки соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро муқаррар ва танзим менамоянд. Бо ин мазмун Конститутсия хислати ҳуқуқтаъсисдиҳӣ дорад. Доираи танзими конститутсионӣ одатан хеле мухтасар буда, қуллаи болоӣ ва қисми муҳимтарини муносибатҳои ҷамъиятиро дарбар мегирад.

Вале ин омил ҳаҷми танзими муносибатҳоро дар ин соҳа маҳдуд намегардонад, баръакс имкон медиҳад, ки ҳамаи ҷузъиётҳои онҳо бо назардошти тақозои замон ва ҳақиқати воқеӣ танзим ёбанд. Дуюм, соҳаи ҳуқуқ дар заминаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие қарор мегирад, ки онҳо дар асоси Конститутсия қабул гашта, амал мекунанд. Шумора ва ҳаҷми ингуна қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ номаҳдуд мебошанд. Омили муҳим ин аст, ки онҳо бо якдигар алоқаманду пайваста амал карда, санадҳои сатҳи поён ҳатман ба санадҳои сатҳи боло мувофиқат дошта бошанд. Маҷмӯи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа, ки муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳам наздикро танзим менамоянд, қонунгузории соҳавии ҳуқукро ташкил медиҳанд.

Дар қуллаи ин маҷмӯъ Конститутсия меистад ва устувории ин соҳа ба он вобастагӣ дорад. Маҷмӯи қоидаҳо ваҳолатҳои Конститутсия хислати ибтидоӣ ва асосӣ дошта, ҳеҷ ягон санади меъёри соҳавӣ ё байнисоҳавӣ аз он боло истода наметавонад.

Аз ҷумла, қонунҳои ба таври раъйпурсии умумихалқӣ қабул гашта, қонунҳои конститутсионӣ ва бешубҳа ҳамаи конунҳои ҷорӣ бояд ба Конститутсия пурра мувофиқат дошта бошанд. Дар бораи ба Конститутсия қатъиян мувофиқ омадани ҳар гуна ҳуҷҷатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ба монандӣ эъломияҳо, консепсияҳо, барномаҳо, нақшаҳо ва ғайра ҷойи баҳс нест. Ҳар яки онҳо дар мувофиқа бо Конститутсия тайёр гардида, амал мекунанд.

Тартиби таъмини мувофиқати қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар худи он ва дар дигар қонунҳо муқаррар карда шудаанд. Дар қисми якуми моддаи 10 гуфта шудааст, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Ин ҳолат дар қонунҳо бозҳам равшантар карда шудаанд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (аз 26 марти соли 2009) муқаррар кардааст, ки «Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд хилофи Конститутсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон мухолифат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё қисмҳои таркибии онҳо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд [8,-М.99].

Дар муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти олии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия нақши Суди конститутсионӣ калон аст.

Барои таъмини волоияти Конститутсия ҳануз дар раванди тайёр кардани лоиҳа ва қабули он, барои дохил кардани тағйироту иловаҳо қоидаҳои махсуси ба ҳамин раванд муқарраршуда, риоя карда мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, бо ҳамон роҳ ба он тағйиру иловаҳо дохил карда мешаванд. Дар моддаи 98 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тағйиру иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад. Мувофиқи моддаи 99

тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзо ва вакилони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд. Аммо дар худи Конститутсия дар хусуси тарзи таҳияи лоиҳаи ингуна қонун, тарзи ба муҳокима пешниҳод кардан ва қабули он меъёри дигаре нест. Дар Қонуни конститутсиони «Дар бораи раъйпурсии умумихалқӣ» (соли 1995, бо тағйироту иловаҳо) оиди кадом масъалаҳо гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ низ равшанӣ нест. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009 дар моддаи 2 дар қатори мафҳумҳои асосӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, нишон додаст [9,-М.99].

Дар моддаи 7 қонуни мазкур низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон дода, баъди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, номбар кардааст. Ва моддаи 15 пурра ба қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида бахшида шудааст. Боз дар чанде аз меъёрҳои ин қонун дар хусуси қонунҳое, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, гуфта шудааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин заминаи конститутсионии қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор намебошад.

Усули волоияти Конститутсия асосан аз мазмуни хоси он бармеояд. На ҳар як масъала дар сатҳи Конститутсия муқаррар ва танзим мегардад. Балки ҳамон мавзӯъҳое, ки шакл, моҳият ва хусусиятҳои давлат, рамзҳои давлатӣ, ҳадафҳои асосии давлат, таркиби ҷомеа ва асосҳои инкишофи он, соҳибихтиёрии миллат (халқ) ва давлат, вазъи ҳуқуқии инсон ва шахрванд, сохтори марзӣ-давлатӣ ва марзию маъмурӣ, низом ва ҳуқуқи интихобот, тартиб ва усулҳои ташкилёбии мақомоти давлатӣ, намуд, низом ва шаклҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, тартиби қабул ва тағйири Конститутсия ва баъзе масъалаҳои дигар, ки барои муқаррар намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ, муайян кардани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аҳамияти махсус доранд, муқаррар ва танзим менамояд. Дар матни Конститутсия ба танзими баъзе масъалаҳо ҳамеша нисбат баҳар дигаргуниҳо эътибори бештар дода мешавад. Хусусан, дар шакли конститутсионӣ ифода кардани усули соҳибихтиёрии халқ ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, оид ба ташкил ва фаъолияти парлумон, меъёри намояндагӣ ва шартҳои интихобшавӣ ба парлумон, дахлнопазирии вакилон, сохтори таркибии парлумон ва нақши раиси парлумон (палатаҳо) дар кори роҳбарӣ ба фаъолияти парлумон, роҳҳои бартарафсозӣ, ихтилофи байни палатаҳо, тарзи баргузор кардани иҷлосияҳои он, доираи салоҳияти он, субъектони ҳуқуқи ташаббуси конунгузорӣ, раванди қонунгузорӣ, тарзи қабули қонунҳо ва дигар санадҳои парлумон ва чанде масъалаҳои ба ин монанд дар Конститутсия эътибори калон дода мешавад. Ҳамин гуна тафсилот дар муайян кардани вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат низ ба назар мерасад.

Дар Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ паҳлӯҳои гуногуни падидаи ҳуқуқии Конститутсия қайд карда шудааст. Якум, Конститутсия ба сифати қонуни олии кишвар дар шакли муайян таҳия шуда, аз суботу устувории махсус бархурдор аст. Дуюм, Конститутсия қонун оид ба таъсиси давлат, низоми фаъолияти мақомоти он, тартиби ташкил ва татбики салоҳияти онҳо ва омили муайянкунандаи равобити мутақобилаи байни мақомоти давлати мебошад. Сеюм, Конститутсия қонунест, ки тибқи он маҳдуд сохтани ҳокимияти давлатӣ ба хотири таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сурат мегирад. Чорум, Конститутсия қонунест, ки ваҳдати сиёсии

халқро шаклбандӣ ва таъмин мекунад. Панҷум, Конститутсия қонунест, ки он суботи сиёсӣ ва тартибу низомро дар давлат таъмин мекунад. Шашум, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадест, ки сохтори давлатии Тоҷикистон тавассути он бо роҳи таҳкими арзишҳои бунёдӣ ба худ шакли муайян мегирад. Ҳафтум, Конститутсия ин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии давлат мебошад, ки меъёрҳои ҳуқуқии дигар бояд бо онҳо мутобиқати том дошта бошанд [10,-С.15-16].

Дар адабиёти илмӣ мазмуни Конститутсия чунин шарҳ дода мешавад. Якум, Конститутсия қонуни асосие мебошад, ки кафолатҳои махсуси устуворӣ дорад. Дуюм, Конститутсия қонунест, ки давлат, низоми мақомоти он ва тартиби ташкили онҳо, салоҳияти онҳоро таъсис медиҳад, хусусияти муносибатҳои байни мақомоти ҳокимияти давлатиро бо худидораи маҳалли муайян менамояд. Сеюм, Конститутсия қонунест, ки ягонагии сиёсии халқро ташкил ва таъмин менамояд. Чорум, Конститутсия воситаи қонунӣ гардонидани сохти давлатӣ тибқи муқаррар кардани асосҳои бунёдии он мебошад. Панҷум, Конститутсия қонунест, ки ҳадди ҳокимияти давлатиро бо роҳи мустаҳкам кардани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ва мухторияти шахсро бо ин ҳуқуқҳо мувофиқ сохтан, хислати ин муносибатҳо ва ҳадди бо ҳам мувофиқ омадани онҳоро муқаррар менамояд. Шашум, Конститутсия тарзи мустаҳкам кардан ва ифода намудани меъёрҳои олии ҳуқуқи мебошад ва бо ин мазмун Конститутсия ба ном меъёри мутлақ аст, ки бо он ягон санади ҳуқуқии дар давлат амалкунанда хилоф омада наметавонад. Ва онҳо асоснок қайд мекунанд, ки мафҳуми Конститутсия фавқулодда мураккаб буда онро дар тафсири мухтасар ифода кардан душвор аст [11,-С.2628].

Илова ба ҳамаи ин, Конститутсия боз хусусиятҳои хоси дигар низ дорад, ки онҳо санади муқаррарии ҳуқуқӣ набудани онро тасдиқ менамоянд. Конститутсия муносибати байни давлат ва инсону шаҳрвандро инъикос намуда, ба уҳдаи давлат эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати онҳоро мегузорад ва инсон ва шаҳрвандро уҳдадор менамояд, ки вазифаҳои асосии дар худи Конститутсия муқаррар гаштаро иҷро намоянд. Тибқи қонун талаботи умумӣ нисбат ба санади меъёрии ҳуқуқи мутобиқати он ба Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қувваи ҳуқуқиашон болотар мебошад. Яке аз асосҳои қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқи бо тартиби муқарраршуда тибқи қарори Суди конститутсионӣ ғайриконститутсионӣ донистани он ва ё қисми он мебошад.

Муҳаққиқи ватанӣ А.Х. Юсуфзода қайд менамояд, ки андешидани чораҳо ва тадбирҳо ҷиҳати азхудкунӣ ва амалигардонии меъёрҳои конститутсионӣ аз ҷониби шаҳрвандон яке аз тарзҳои асосии таъмин намудани волоияти Конститутсия мебошад. Ҷиҳати муҳимро дар ин роҳ тарбияи ҳуқуқии аҳли ҷомеа ташкил медиҳад. Одамонро на танҳо маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ зарур аст, балки имконияти истифодаи воқеии ҳуқуқҳои конститутсионӣ тақозои замон аст. Чуноне, ки К.М. Каримов қайд менамояд таъмини волоияти Конститутсия бе фарҳанги волои конститутсионӣ ғайри имкон мебошад [12,-С.28].

Бояд зикр намуд, ки раиси Суди конститутсионии Арманистон профессор Г.Г. Арутюнян таҳдидҳои муосири таъмини волоияти Конститутсияро таҳлил намуда, мавҷуд набудани фарҳанги конститутсиониро ҳамчун таҳдиди рақами як мешуморад ва қайд менамояд, ки таъмини волоияти Конститутсия аввал фарҳанги конститутсиониро тақозо мекунад [13,-С.5-18].

Инчунин дар сархатти дуюми моддаи 10 муқаррар карда шудааст, ки давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Масалан, чи хеле Х. Ҳамидов қайд менамояд, таҷрибаи ҳаётӣ нишон медиҳад, ки на ҳамеша шах-

сони мансабдори мақомоти давлатӣ вазифаи худро дар таъмини кафолати иҷрои Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври зарурӣ, иҷро мекунанд [14,-С.323].

Воқеан ҳам муаллиф ба маврид қайд намудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар баъзан мавридҳо шахсони мансабдор ҳангоми қабул намудани сандҳои дахлдор аз меъёрҳои Конститутсия асос намеоранд. Мувофиқи мақсад мешуд, агар шахсони мансабдор ҳангоми қабули, қарор ва дигар санадҳои дахлдор бевосита ба меъёрҳои конститутсия такя мекарданд.

Пешгирӣ кардан ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунандагон ва ҷинояткорон барои кирдори вайронкунии талаботи Конститутсия ва қонунҳо, ба мақомоти давлатӣ чандон душворӣ надорад ва барои иҷрои ин вазифа мақомоти сершумори ҳифзи ҳуқуқ сафарбар шудаанд. Бояд қайд намуд, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ дар таъмини волоияти Конститутсия бо роҳи муроҷиат намудан ба Суди конститутсионӣ дар хусуси ба Конститутсия мувофиқат доштани (надоштани) қонун, дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, тавзеҳоти дастурии пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, ки аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин мақомоти судӣ нисбат ба онҳо дар парвандаи мушаххас татбиқкарда шудаанд ва ба андешаи онҳо боиси вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии онҳо гардидаанд, нақши калонро мебозанд.

Дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ аз 24 апрели соли 2010 қайд шудааст, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, тамоми рукнҳои давлатро барои амалан таъмин намудани ҳифзу риояи он масъул сохтааст» [15].

Албатта, дар сатҳи конститутсионӣ ба сифати арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқу озодии инсон қадами муҳим дар пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқии онҳо мебошад. Вале аз эълон гаштани ин меъёр солҳо гузашта истода бошад ҳам дар баъзе мавридҳо вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ҷой дорад. Бинобар ин таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дар хусуси масъулияти тамоми рукнҳои давлат барои таъмини ҳуқуқу озодии инсон як фишанги муҳим дар фаъол шудани онҳо дар амалӣ намудани ин вазифа мебошад.

Дар марҳаллаи ҳозираи майлон то рафт бештар суръат гирифтаистодаи ҷаҳонишавӣ яке аз омилҳои муҳими риоя ва иҷро шудани талаботи Конститутсия, дуруст муайян кардани таносуби он бо меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ мебошад. Масъалаи муайян сохтани ин таносуб доираи танзими конститутсионӣ мебошад [16,-С.154-170].

Бинобар ин дар моддаи 10 Конститутсия чанде меъёрҳои калидие муқаррар карда шудаанд, ки барои муайян сохтани таносуби санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон ёрӣ мерасонанд. Мувофиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» [17,-С. 323].

Дар ин меъёр аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ шарти қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ гаштани онҳо мебошад. Бинобар ин масъалаи танзими эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз тарафи мақомоти салоҳиятдори ҳокимияти давлатии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда мешаванд. Дар Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016 тартиби бастан, тасвиб, қабул, тасдиқ, ба қайдгирӣ, нашр, иҷро кардан, бекор

кардан ва боздоштани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда шудааст [18].

Шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи ҶТ, усулу меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, нуқтаҳои худи шартномаҳо ва қонуни мазкур баста мешаванд, иҷро мегарданд ва бекор карда мешаванд. Дар моддаи4 муқаррар шудааст, ки шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи ҶТ эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии он ба шумор мераванд. Меъёрҳои расман интишоршудаи шартномаҳои байналмилалии ҶТ, ки қабули қонунҳоро барои татбиқи онҳо талаб намекунанд, дар ҶТ бевосита амал менамоянд. Яке аз талаботҳое, ки Конститутсия барои амалӣ гаштани қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст мегузорад, расман интишор гаштани онҳо мебошад. Илова ба ин қайд кардан муҳим аст, ки интишори расмии қонунҳо ва санадҳои байналмилалӣ бояд бо забони давлатӣ сурат гирад.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, баъди аз тарафи Тоҷикистон эътироф гаштан, якҷоя бо меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ амал мекунанд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, хусусан, мақомотии судии ҷумҳурӣ бояд дар ҳалли маводҳои судии иқтисодӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноӣ ва маъмурӣ баробари санадҳои миллӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ асос намуда, қарори дахлдор қабул намоянд. Ва бояд дар назар дошт, ки қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд. Ин меъёри конститутсионӣ бо кадом забон интишор шудани қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро муайян накардааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009 оиди ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, низ нишондоди саҳеҳ нест. Вале дар моддаи 24 пешбинӣ шудааст, ки «Шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ба забонҳои давлатии тарафҳои аҳдкунанда ва шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба ба забонҳое, ки тарафҳо муайян кардаанд, ба имзо мерасанд» [19].

Бо вуҷуди ҳамаи ин барои ба халқи ҷумҳурӣ равшан гаштани мазмуну таъиноти ингуна шартномаҳо ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ онҳо бояд бо забони давлатӣ интишор гарданд.

Дар маҷмӯъ, аз таҳлили кӯтоҳ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки пеш аз ҳама дар таъмини волоияти Конститутсия нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиму ҳалкунанда буда, барои иҷроиш ва риояи Конститутсия, асоси ҳуқуқии фаъолият, амалӣ намудани салоҳият ва инчунин андешидани тадбирҳои мушаххас ифода меёбад. Усули волоияти Конститутсия падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ эътироф шуда, риоя ва иҷрои он низ аз ҷониби ҳамаи мақомотҳо ва шахсони мансабдор ҳатмӣ ва зарур мебошад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Зоиров Р., Хакимов Ш. «Теоретические основы Советской Конституции». –М.: 1981; //Эволюция Конституции как Основного Закона: историко-теоретическое и сравнительно-правовое исследование. Монография. –Душанбе: 2004.

2. Тихомиров Ю.А. Теория закона. –М.: 1982. –С.48-53, 78-86.

3. Закон: создание и толкование. –М.: 1998. –С.28-29.

4. Сравнительное конституционное право. –М.: 1996.

5. Зоиров Р., Хакимов Ш. Эволюция Конституции как Основного закона: историко-теоретическое и сравнительно-правовое исследование: Монография. –Душанбе: 2004; Хакимов Ш.К. //Становление и развитие Конституции как

политико-правового института в Таджикистане. –Душанбе: 2002; Имомов А. //Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. –Душанбе: 2003. –С.111-139; Халифабобо Ҳомидов. //Ҳуғуғи асосии муғоисавѣ: таърих ва замони муосир (Илм, манобеъ ва ғонуни асосѣ). –Душанбе: 1998; Халифабобо Ҳомидов. //Такомули Қонуни асосии Тохикистон муосир. –Душанбе: 2005.

6. Тахиров Ф.Т. «Ведущая роль Конститутции Республики Таджикистан 1994 г. в иерархии нормативно-правовых актов». //Известия Академии Наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 2005. № 4. –С.91-96.

7. Ализода З. Волоияти қонун: масъалаҳо ва пешниҳодҳо. // Маводи Форуми аввалини миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 ноябри соли 2015). Душанбе, 2016. С. 37.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон. 2009. -№ 3. –Моддаи 99.

9. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон. 2009. -№ 3. –Моддаи 99.

10. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарғонуни) Ҷумхурии Тохикистон. –Душанбе: 2009. С.15-16.

11. Зоиров Р., Ҳакимов Ш. Эволюция Конституции как Основного закона: историко-теоретическое и сравнительно-правовое исследование. //Монография. –Душанбе: 2004. –С.26-28.

12. Юсуфзода А.Х Волоияти Конститутсия: Механизми таъмин ва аҳамияти он // Накши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ: маводи конференсияи илмӣ- назариявӣ.-Душанбе: «ЭР-граф», 2016-57.

13. Арутюнян Г.Г. «Современные вызовы обеспечения верховенства Конституции». // Международный вестник «Конституционное правосудие». 2014. № 4. С. 5-18.

14. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод. 2009. - С. 323.

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Оли дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010 .

16. Имомов А. Ҷахонишавӣ ва пайванди меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бо меъёрҳои хуқуқи байналмилалӣ (Глобализация и унификация конституционных и международных правовых норм) // Национальные правовые системы стран СНГ ва условиях глобализации и региональной интеграции. Матер. межд. конф. (19-20 ноября 2007 г. г. Душанбе, Таджикистан). –Душанбе: 2007. – С.154-170.

17. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод. 2009. - С. 323.

18. Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналминалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2005. АМО ҶТ, 2005. № 12. Моддаи 654.

19. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. 2009. № 9-10. Моддаи 546.

# САМТҲОИ АСОСИИ МУҚОВИМАТ БО ТАҲДИДҲОИ МУОСИРИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

# ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ БОРЬБЫ С СОВРЕМЕННЫМИ УГРОЗАМИ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА

# THE MAIN DIRECTIONS OF STRUGGLE AGAINST CONTEMPORARY THREATS OF TERRORISM AND EXTREMISM



**САИДОВА МЕҲРУБОН АКБАРХОНОВНА**
*адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.00.08), лейтинанти милитсия*

***Аннотатсия:*** Муаллиф диққати асосии худро маҳз ба хатарҳои даҳшатбор, сабаб ва омилҳои афзоиш ва самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ва терроризм матраҳ сохтааст. Инчунин, даставвал оид ба мафҳумҳои экстремизм ва терроризм аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ мавқеи худро иброз доштааст.

Инчунин муаллиф тавонистааст, ки бо як пайдарҳамии мантиқӣ ақоиди олимони ватанӣ ва хориҷиро иброз дорад ва кушиш ба харҷ додааст, ки самтҳои афзалиятноки муқовимат бо экстремизм ва терроризмро пешниҳод созад. Муҳаққиқи ҷавон дар асоси маводи омӯхташуда ба муқовимати дастаҷамъона ба экстремизм ва терроризм диққати махсус дода, вобаста ба пешгирӣ намудани идеологияи ифротӣ мавқеи худро асоснок кардааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** терроризм, экстремизм, ифротгароӣ, шомилшавии ҷавонон, идеологияи динӣ

***Аннотация:*** Автор обращает внимание на угрозы, причины и факторы роста, а также основные направления противодействия терроризму и экстремизму. Также автор выразил свою позицию относительно существующих научно-правовых концепций экстремизма и терроризма.

Кроме того, автор проанализировала взгляды отечественных и зарубежных ученых и попыталась представить приоритетные направления противодействия экстремизму и терроризму.

***Ключевые слова***: терроризм, экстремизм, борьба, молодежь, религиозная идеология.

***Annotation***: The author draws attention to threats, causes and factors of growth, as well as the main directions of counteraction to terrorism and extremism. The author also expressed his position regarding the existing scientific and legal concepts of extremism and terrorism.

In addition, the author analyzed the views of domestic and foreign scientists and tried to present priority areas for countering extremism and terrorism.

***Keywords***: terrorism, extremism, struggle, youth, religious ideology.

Яке аз масъалаҳои муҳими ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти давлатиро мубориза бар зидди зуҳуроти номатлуб - терроризм ва экстремизм ташкил медиҳад. Барои

муборизаи самарабахш зидди тероризм ва экстремизм бояд тадбирҳои ҷиддие андешида шаванд, ки ба ошкор сохтани идеологияи экстремистӣ-террористӣ равона гардида, дар пешгирӣ намудани ин таҳавуллоти номатлуб, ки онро қувваҳои аҷнабӣ барои амалӣ намудани манфиатҳои геополитикии худ истифода мебаранд, мусоидат намоянд.

Пеш аз он, ки оид ба сабабу омилҳои рушд ёфтани ин таҳавуллоти номатлуб ва роҳҳои пешгирии онҳо ибрози ақида намоем, мебояд ба мафҳуми луғавии экстремизм назар афканем.

Экстремизм аз калимаи лотинии “extremus” манша гирифта, мазмуни қатъан, ҳадди охирин, тарафдори тадбиру чораҳо ва ақидаҳои қатъӣ будан (бештар дар сиёсат)-ро дорад [1,С.360].

Ҳамин гуна фаҳмиши ибораи экстремизмро дигар муаллифон низ иброз медоранд [2,-С.13,С.78,С.211].

Ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ Ҳ.С. Сафаров экстремизм дорои чаҳор хусусияти асосӣ мебошад:

Якум, экстремизм ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ доимо ақоиди таҳрифшудаи динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, миллатчигӣ ва маҳалгароиро ғояи дуруст шуморида, истифодаи зӯровариро (ҷӣ ҷисмонӣ ва рӯҳӣ) нисбат ба мухолифони худ ё гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ раво медонад;

Дуюм, ғояҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар асоси ангезаҳои номбурда метавонанд бо роҳи тайёр ва паҳн намудани маводи иттилоотӣ, тарғибу ташвиқ ва даъватҳои оммавӣ амалӣ сохта шаванд;

Сеюм, ғояи истифодаи зӯроварӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ангезаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллатгароӣ, динӣ, нажодӣ ё маҳалгароӣ доимо барои ба мақсадҳои экстремистӣ ноил шудан равона мебошанд;

Чорум, субъектҳое, ки ташвиқот ва даъвати истифодаи зӯровариро барои ба мақсадҳои экстремистӣ ноил шудан ҷилавгирӣ менамоянд, ҳеҷ гоҳ иродаи қувваҳои солими ҷомеаро ифода наменамоянд [3,-С.33-40].

Ба андешаи мо, фаъолияти экстремистӣ доимо барои дар байни ҷомеа барангехтани бадбинӣ ё кинаю адовати сиёсӣ, миллӣ, диннӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, иҷтимоӣ равона буда, бо роҳи тайёрӣ ё паҳн намудани маводи дорои ғояе, ки зӯровариро ҳамчун шакли таъсиррасонӣ ба мухолифон ё шахсони алоҳида дуруст медонанд ва ё даъвати бевоситаро барои истифода намудани зӯроварӣ нисбати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ аз рӯи ангезаҳои зикркарда талқин менамояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-декабри соли 2003 №69 мафҳуми экстремизм чунин шарҳ ёфтааст:

«Экстремизм - ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаргунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимят ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣмебошад» [4].

Чи тавре, ки аз мазмуни мафҳуми матраҳшуда бармеояд, зуҳуроти экстремистӣ дар заминаи бадбинии сиёсӣ, идеологӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ва диннӣ ба вуҷуд омада, яке аз ҳадафҳои асосии ташкилоти экстремистӣ ин бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ мебошад.

Имрӯз шомил гардидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва равияву гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ, боиси ташвиши ҷомеа гардида, мутаассифона бо дахолат ва таъсир расонидан ба мафкураи онҳо ҷавонони гумроҳ қурбони дасисаву иғвои ашхоси ҷангҷӯй ва нотавонбин мегарданд.

Пешвоёни ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ бо мақсади ноором сохтани авзои сиёсӣ бо истифода аз қувваю нерӯи ҷавонони гумроҳшуда, ҳадафу мақсадҳои ҷиноии худро амалӣ карданӣ мешаванд.

Дар қонунгузории амалкунанда ва адабиёти илмӣ муҳаққиқон

экстремизмро ҳамчун ҷанбаи идеологии кирдорҳои террористӣ арзёбӣ менамоянд. Аввалан, идеологияи таҳрифшудаи динӣ, миллатпарастӣ, маҳалчигӣ ва ғ. аз тарафи ашхоси ҷинояткор дар байни ҷавонон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа талқин карда шуда, онҳоро бо таври мунтазам зери фишори психологии худ қарор медиҳанд. Ашхоси гумроҳ мубталои ин афкори ифротӣ гардида, зери роҳнамоии ашхоси ҷиноятпеша ба ҷалб намудани дигар ҷавонони камсаводу бемаърифат мепардозанд. Дар натиҷаи бо таври мунтазам даъват намудани мардум бархе аз ашхоси таҷрибаи зиндагӣ надошта, онҳо дар асоси ангезаҳои динӣ, мазҳабӣ, миллатгароӣ, маҳалчигӣ ва ё сиёсӣ мубталои гурӯҳҳои экстремистӣ мегарданд.

Аз омӯзиш ва таҳлилҳо бар меояд, яке аз сабабҳои асосии афзудани сафи гурӯҳҳо ва равияҳои динӣ-экстремистӣ ин камсаводи. Дараҷаи пасти маърифати динӣ ва дунявӣ доштани ҷавонон аст [5,-С.52].

Аз рӯи маълумотҳои мавҷуда баъзе аз ҷавонони кишварамон бо сабаби камсаводии дунявӣ ва диниашон ба гурӯҳҳои ифротгаро шомил гардида, дар муҳорибаҳои ҷангии кишварҳои хориҷӣ иштирок доранд. Аксари кулли онҳо ҳатто мактаби миёнаро хатм накарда ва баҳри соҳибкасб гардидани худ дар омӯзишгоҳҳои касбӣ- техникӣ таҳсили худро идома надодаанд. Дар натиҷа аз таҳсил берун ва аз касб маҳрум гардида, бо мақсади дарёфти ризқу рӯзӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар рафта, ба сайди доми афроди тундравӣ беватан ва ифротгаро афтидаанд.

Албатта, дар шароити кунунии кишварамон, ки аз ҳар фарди ватандӯсту худогоҳ зоҳир кардани ҳушёрии сиёсиро тақозо мекунад, доштани маълумоти мукаммал оид ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, ки оқибати пайравӣ кардан ба онҳо пушаймонист, амри зарурӣ мебошад.

Дарҷ кардан ҷоиз аст, ки экстремизми динӣ доимо пардаи сиёсӣ касб карда дар ҳамгироӣ бо он баромад менамояд.

Бояд зикр намуд, ки ба аломатҳои экстремистӣ дар афкори "салафия-ваҳҳобӣ", ки имрӯз теъдоди зиёди ҷавонони кишвар мубталои онҳо гардидаанд, ин пеш аз ҳама бе асосҳои илмии-динӣ "кофир" хондани мардуми яҳуд, насронӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони мақомоти давлатӣ, судяҳо, давлатҳои дорои низоми демократӣ ва ҳар касе, ки бо ақидаҳои онҳо розӣ нест, маҳсуб меёбанд.

Аломатҳои экстремистӣ дар фаъолияти ҷараёни динии "салафия-ваҳҳобия" боз дар он зоҳир мегарданд, ки онҳо ҷавононро бо воситаи интернет, варақаҳо, матбуот ва талқин намудани мазмуни адабиёти таҳрифшуда бо таври ошкоро ва пинҳонӣ ба "ҷиҳод" даъват намуда, ақоид ва амалҳои аъзоёни "Давлати исломӣ", ҳаракати "Толибон", "Ҳизб–ут–Таҳрир", "Ал-қоида" ва дигар гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ вобаста ба ташкил намудани «Хилофат» дастгирӣ менамоянд.

Мувофиқи таълимоти «Ҳизб-ут-таҳрир», он дар асоси ояти 104-и сураи «Нисо»-и Қуръони карим таъсис ёфтааст. Дар ин оят омадааст; «Ва бояд, ки бошад аз шумо гурӯҳе, ки бихонад (яъне даъват кунад) ба некӣ (яъне ислом) ва бифармояд ба кори писандида ва манъ кунад аз корҳои зишту мункар ва ин гурӯҳ растагоронанд» [6,-С.145].

Аз мазмуни оят бармеояд, ки дар он оид ба ташкили ҳизби сиёсӣ, бо роҳи зӯроварӣ сарнагун кардани режимҳои сиёсии давлатҳо ва барпо кардани Хилофат сухан намеравад. Аммо мақсади «Ҳизб-ут-таҳрир» барпо кардани давлати теократии исломӣ - Хилофат мебошад. Онҳо истифодаи зӯроварии мусаллаҳонаро барои бартараф сохтани монеаҳо дар роҳи Ислом ҳадафҳои асосии худ мешуморанд.

Аломатҳои экстремистӣ доштани ақоиди "салафия-ваҳҳобия" боз дар

даъватҳои беасоси онҳо ба “ҷиҳоди мусаллаҳона”, ки мухолифи оятҳои Қуръони карим буда, танҳо хушунати мазҳабиро байни “суннихо” ва “шиаҳо” афзун месозад, зоҳир мегарданд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ангезаҳои маҳалгароӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, миллатгароӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) кирдорҳои хусусияти экстремистидошта мамнӯъ эълон гардида, дар моддаҳои мухталифи он аломатҳои таркибӣ ва андозаву намудҳои ҷазо барои чунин ҷиноятҳо муайян гардидаанд.

Аз ҷумла, дар моддаи 307[1] КҶ ҶТ (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ) ба ҷиноятҳои хусусияти экстримистидошта моддаҳои 157 (Монеъ шудан ба фаъолияти ташкилоти динӣ), 158 (Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои диннӣ), 160 (Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ), 188 (Бетартибиҳои оммавӣ), 189 (Барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ), 237 (Авбошӣ), 237.1 (Вандализм), 242 (Несту нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳангӣ), 243 (Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо), марбут дониста шудаанд.

Инчунин, ҷиноятҳои дар моддаҳои зерини КҶ ҶТ: 307 (Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон), 307[1] (Даъвати оммавӣ дар ба амал овардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)), 307[2] (Ташкили иттиҳоди экстремистӣ), 307[3] (Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ)), 307[4] Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта) пешбинигардида дорои хусусияти экстремистӣ мебошанд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Тоҷикистон дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар ба КҶ ҶТ моддаи 401[1] (Ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо) ворид карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷавонон аз камтаҷрибагию нофаҳмӣ ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ шомил гашта, минбаъд аз тарси ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар ҳайати ин ташкилотҳо фаъолияташонро идома медиҳанд. Бояд зикр намуд, ки дар эзоҳи як қатор моддаҳои КҶ ҶТ муқаррароти меъёрӣ оиди аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озодкунанда пешбинӣ гаштааст. Агар хуб мешуд ба аҳолӣ ин талаботи қонун фаҳмонида мешуд, то ки нафарони гумроҳ гашта оиди фаъолияти ҷинояткоронаашон ба мақомоти дахлдори давлатӣ хабардиҳанд.

Таҳқиқи падидаи ифротгароӣ ва махсусан терроризм бисёр мушкил аст, зеро худи мафҳуми терроризм он қадар маълум ва мушаххас нест. Вале як чизи манфии возеҳ дар бораи терроризм вуҷуд дорад, ки он зӯроварӣ ва хушунат аст [7, - С.59].

Ҳатто андешапардозони террор ва иҷрокунандагони амали террористӣ эътироф мекунанд, ки террор ин зӯроварӣ аст. Террористон мехоҳанд, мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд.

Дар моддаи 4 банди 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” омадааст, ки “террорист - шахсе, ки ба мақсади содир намудани фаъолияти террористӣ муттаҳид шудаанд” [8].

Терроризм аз рӯи оқибатҳои худ аз ҷиддитарин таҳдидҳои ҷаҳони муосир мансуб ёфта, амнияти инсоният, сулҳу субот ва истиқлолияти давлатии кишварҳоро зери хатар мегузоранд.

Истилоҳи «терроризм» (аз калимаи лотинии «terror») маншаъ гирифта, маъноаш «тарс ва ваҳм» аст [10,-С.6].

Муҳаққиқи ватанӣ Сафаров Ҳ.С. дар китоби худ бо номи «Актуальные проблемы законодательного регулирования и квалификации терроризма (на материалах Республики Таджикистан и

стран СНГ)» мафҳуми терроризмро чунин шарҳ додааст:

“Терроризм - ин содир намудан ё таҳдиди содир кардани таркиш, сӯхтор ё дигар ҳаракатҳои хатари умумидошта, ки мумкин аст ба марги одамон ё дигар оқибатҳои вазнин оварда расонад ва барои тарсонидани одамон равона шуда, бо мақсади маҷбур сохтани давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсон бошад ба анҷом додан ё даст кашидан аз иҷрои ягон амал равона шудааст” [11, - С.6].

Бояд зикр кард, ки имрӯзҳо идеологияи таҳрифшудаи динӣ яке аз сарчашмаҳои асосии рушд ёфтани кирдорҳои террористӣ низ гардидааст. Яъне, аввалан ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ моил карда шуда, сипас дар асоси ақидаҳои ботинии динӣ ва ё мазҳабӣ яроқ гирифта, ба аъмоли террористӣ даст мезананд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 январи соли 2015 таъкид гардид, ки "Терроризм ва ифротгароӣ беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бисту як табдил ёфтааст. Бинобар ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вазифадоранд, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, тадбирҳои иловагӣ андешанд" [12].

Яке аз шаклҳои иртиҷоии эътирози сиёсии ғайрилегалиро терроризм ташкил медиҳад. Терроризм сиёсат ва амалияи доираҳои иртиҷоии иттиҳодияҳо ё ташкилотҳои муайяни сиёсӣ буда, дар шакл ва воситаи мудҳиши зӯроварии сиёсӣ зоҳир мегардад. Терроризм моҳиятан мақсадҳои зиддиинсонӣ дорад. Даҳшат овардан ва тарсонидан дар тули асрҳо ба сифати воситаи муборизаи сиёсии нерӯҳои гуногуни иртиҷоӣ вуҷуд дошт [13,-С.31].

Терроризм бештар ҳангоми гузариш дар инкишофи ҷамъиятию сиёсии ҷомеа ва давлат рух медиҳад. Терроризм имрӯзҳо доираи давлатҳои алоҳидаро рахна карда, хусусияти байналхалқӣ касб кардааст. Беш аз пеш қурбони сиёсати доираҳои террористӣ занҳо, кудакон, пиронсолон ва ҷавонон мегарданд [14,-С.79].

Чуноне, ки Назиров Д. дар китоби худ иброз менамояд: Иҷрокунандагони амали террористӣ аз миёни он табақаи иҷтимоие гирифта мешаванд, ки таъсири гуруснагию камбизоатӣ ва беадолатро эҳсос мекунанд. Хатари зиёдшавии ин гуна одамон дар шароити тезутундшавии проблемаҳои глобалии зерин хеле зиёд аст: таркиши демографӣ, урбанизатсия (дар давоми ду даҳаи асри XXI теъдоди аҳолии шаҳрҳо ду баробар афзуда, ба 5 млрд мерасад (ҳоло 2,5 млрд, дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад), бекорӣ, СПИД, гуруснагӣ, нарасидани оби нушокӣ (то соли 2015 ними аҳолии дунё (3,5 млрд, нафар) дар мамлакатҳое зиндагӣ хоҳанд кард, ки бо об пурра таъмин нестанд), зиёдшавии норизоятии мардум, махсусан ҷавонон аз афзоиши беадолатиҳо, ки ба қабули андешаҳои ифротӣ иебарад [15,-С.141].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пайи ҷустуҷӯи роҳҳо ва воситаҳои самараноки мубориза бар зидди терроризм аст. Дар СММ ба таври доимӣ масъалаи мубориза бо терроризм мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор мегирад. Аз соли 1972 инҷониб Комитети махсуси мубориза бар зидди терроризми байналхалкқӣ амал менамояд, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти кишварҳои гуногунро ба уҳда дорад.

Новобаста аз кӯшишҳои СММ оид ба мубориза бар зидди терроризм, бархе аз давлатҳо ташкилотҳои террористиро бо мақсади пиёда сохтани ҳадафҳои нопоки худ истифода мебаранд. Аз ин ҷост, ки барои баъзе давлатҳо ташкилотҳои алоҳидаи террористӣ ҳамчун ҳаракатҳои озодихоҳ ва ё ҷунбишҳои мардумӣ маҳсуб ёфта, барои дигарон бошад, онҳо ташкилоти террористӣ

эътироф шудаанд. Сабаби асосии рушд ёфтани терроризми байналмилалӣ низ маҳз ҳамин мебошад, зеро терроризм бе маблағгузорӣ ва дастгирии молияю пулӣ арзи вуҷуд дошта наметавонад.

Нерӯи ҳарбӣ ва захираҳои молиявии баъзе аз созмонҳои террористӣ бо пуштибонии давлатҳои алоҳида босуръат афзоиш ёфта, онҳо имкони муқовимат бо кишварҳои абарқудрат ва ҳатто бо паймонҳои ҳарбӣ-сиёсиро пайдо карда истодаанд.

Яке аз онҳо ташкилоти террористии "Давлати исломӣ" мебошад. Ин созмон соли 2006 дар натиҷаи муттаҳидшавии 11 гурӯҳи ифротгарои исломӣ ташкил шуда, асосан дар ҳудуди кишварҳои арабии Ироқ ва Сурия амал мекунад. Меҳвар ва ғояи сиёсати "Давлати исломӣ"-ро идеологияи экстремистии салафия ташкил дода, аҳолии шиамазҳаб, язидҳо, насрониён ва курдҳои сокини Ироку Сурия мавриди террори шадиди ҷангиёни он қарор гирифтаанд [16,- С.1].

«Давлати исломӣ» аз нигоҳи молиявӣ пурқудраттарин созмони террористӣ буда, даромадҳои он аз ҳисоби бо нарҳи арзон дар бозори сиёҳ фурӯхтани захираҳои нафтии Ироқу Сурия, ғорат намудани бонкҳо дар калонтарин шаҳрҳои ин кишварҳо, фурӯши гаравгонон, ҷамъоварии андозу боҷҳо дар ҳудудҳои ғасбгардида ва маблағгузории пинҳонӣ ташаккул ёфтаанд.

«Давлати исломӣ» нақшаи бунёди хилофати исломӣ ва ба он ҳамроҳ намудани кишварҳои Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ, қисми Осиёи Марказӣ ва Аврупоро дорад.

Ҳоло аз ҷониби «Давлати исломӣ» гурӯҳе бо номи «Хуросон» таъсис шудааст, ки дар шимоли Покистон ҷойгир буда, ҳадафи онҳо ҳамла ба сарзамини таърихии Хуросон мебошад, ки бояд мувофиқи нақшаҳои онҳо сарзаминҳои Покистон, Афғонистон, шимолу шарқи Эрон, панҷ кишвари Осиёи Марказӣ, ғарби Чин ва Ҳиндустонро дар бар бигирад. Тибқи маълумоти мавҷуда ҷангиёни гурӯҳи «Хуросон» аллакай ба баъзе вилоятҳои ҷанубии Афғонистон ворид шуда, дар паи таъсиси пойгоҳ, ҷалб намудани аъзоёни нав ва гузаронидани машқҳои ҳарбӣ мебошанд.

Созмонҳои террористию экстремистӣ, аз қабили «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон»), «Ҳизб-ут-таҳрир», ҷамоати «Ансоруллоҳ», ҷамъияти «Таблиғ», «Алқоида» ва шохаҳои он «Салафия» ва ғайра дар ҳудуди Тоҷикистон фаъолияти густурдаи ташвиқотӣ бурда, сокинони кишварро барои пайвастан ба сафҳои худ ва иштирок дар муҳорибаҳои ҷангии шимоли Покистон, Афғонистон, Сурия ва Ироқ тарғиб мекунанд.

Мутаасифона, вақтҳои охир шомилшавии баъзе шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳайати созмони террористии «Давлати исломӣ» ва иштироки онҳо дар ҷангҳои муқобили ҳукуматҳои расмӣ дар давлатҳои Ироқу Сурия дида мешавад. Ташвишовар он аст, ки баъзеи онҳо бо оилаҳои худ ба давлатҳои Ироқу Сурия рафта дар ҷангҳо ва муҳорибаҳои мусаллаҳона иштирок мекунанд. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки магар ин нафарон шарвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, магар онҳо дин, мазҳаб, миллат надоранд: Албатта доранд, лекин онҳо аллакай террорист шудаанд ва оқибати кори террорист бошад, ин таркиш, сӯхтор, зарари моддӣ расонидан ва тарсонидани аҳолӣ бо мақсади амали намудани ниятҳои ғаразнок, зери ниқоби Ислом мебошад.

Ҳеҷ вақт дини мубини Ислом мусулмононро ҳидоят ба содир кардани ҷиноят накардааст. Баръакс дар оятҳои Қуръони маҷид ва дигар ҳадисҳо «сухани нек гуфтан», «ба паймони хеш вафо кардан», «адл намудан», «ёрӣ расонидан ба мухтоҷон», «таҳаммулпазирӣ» ва «накукорӣ» яке аз хислатҳои неки инсонӣ пазируфта шудааст.

Дар баробари он «золимӣ», «ситамгарӣ» ва «хиёнаткорӣ» яке аз хислатҳои бади инсонӣ дониста шуда, Ислом покизагӣ, росткорӣ ва

ростгӯиро талаб менамояд. Ислом бо терроризм ягон алоқамандӣ надорад. Ҳатто Ислом одамонеро, ки мусалмон нестанд, вале бо мусалмонон дар муҳити сулҳу осоиш зиндагӣ мекунанд, дахлнопазирии ҳаёт ва молу мулки онҳоро эътироф намудааст.

Суиқасд ба ҳаёти шахсони бегуноҳ гуноҳи азим ба ҳисоб меравад. Дар сураи «Моида» ояти 32-юми Қуръони Карим омадааст:

«Ҳар ки касеро ба ғайри ивази касе ва (бо ғайри) фасод дар замин бикушад, пас чунон аст, ки ҳамаи мардумро якҷо кушта бошад, ва ҳар ки сабаби зиндагонии касе шавад, пас чунон аст, ки ҳамаи мардумро якҷо зинда сохта бошад» [17,-С.259].

Барҳақ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи 2015 сол дуруст қайд намуданд, ки: «Террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва ватан надорад ва душмани Худову бандагони ӯст. Ин гуна нерӯҳо аз номи Ислом амал намуда, номи неки онро доғдор мекунанд ва манфиатҳои душманону бадхоҳони фарҳанги волои Исломро пиёда месозанд» [18].

Сабаби ба ин давлатҳои ноором у ҷангзада рафтани шаҳрвандони кишвар ин аз надоштани дониши кофии диниву дунявӣ ва дур мондан аз таҳсил ва назорати падару модар мебошад, ки бо шунидани мавъизаҳои имомхатибони ифротӣ дар масҷидҳо, муошират бо ҷавонони минтақаҳои ҷангзада ба доми онҳо меафтанд. Қисми зиёди онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ буда, аз ҳудуди дигар давлатҳо ба фиребу найранги кортаъминкунандагон афтида ворида ин кишварҳо мегарданд.

Аз ин рӯ, соли 2006-ум инҷониб бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби Суди Олӣ фаъолияти 17 ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, аз он ҷумла: Ҳизбҳои «Ҳизб-ут-Таҳрир» (19.04.2001с., 11.03.2008с.), «Ҳизби Исломии Туркистон», собиқ «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» (30.03.2006с.), Ҳаракатҳои «Ал қоида» (30.03.2006с.), «Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ» (30.03.2006с.), «Толибон» (30.03.2006с.), «Бародарони Муслим» (30.03.2006с.), «Лашкари Тайба» (30.03.2006с.), «Даъват ба Ислом» (30.03.2006с.), «Тоҷикистони озод» (30.03.2006с.), «Гурӯҳи 24» (09.10.2014с.), «Давлати Исломӣ» (ДИИШ) (14.05.2015с.) ва «Ҷабҳат ан Нусра» (14.05.2015с.), «Ҷамъияти Таблиғ» (30.03.2006с.) ва «Сохтмони Таблиғот» (30.03.2006с.), «Ҷамоати Ансоруллоҳ» (03.05.2012с.), Гурӯҳи исломии «Ҷамъияти Исломӣ Покистон» (30.03.2006с.) ва Равияи динии «Салафия» (08.01.2009с., 08.12.2014с.) [19].

Дар маҷмӯъ аз таҳлилҳои кӯтоҳ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки баҳри ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани зуҳуротҳои экстремистиву терористӣ, ки он ба амният ва якпорчагии давлат хатари ҷиддӣ дорад, усулу воситаҳои ошкору ниҳониро бояд оқилона истифода намуд. Барои он ки мубориза зидди экстремизм ва терроризм самаранок гардад, қувваҳои сиёсие, ки терроризмро ҳамчун усули амалӣ гаштани мақсадҳои худ истифода мебаранд, бояд ошкор карда шаванд.

Аз ин лиҳоз, мубориза бо терроризм ва экстремизм пешгирии шомилшавии шаҳрвандони кишвар ба созмонҳои террористию экстремистӣ ва иштироки онҳо дар муҳорибаҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар кишварҳо аз муҳимтарин вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеаи кишвари мо маҳсуб меёбад.

### АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Шарипов В. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ–интернационалӣ. - Душанбе, 1984. -360 с.

2. Воронов И.В. Основы политико-правового ограничения социально-политического экстремизма как угрозы национальной безопасности Российской Федерации: Автореф. дис.. канд. полит.наук. - М., 2003. - С.13; Басалай А. Опасность: национальный экстремизм // Диалог.1999. №10. - С. 78; Афанасьев Н.Н.Идеология терроризма // Социально-гуманитарные знания. 2001. №6. -С. 211;

Умланд А. Правый экстремизм в постсоветской России // Общественные науки и современность. 2001. № 4.

3. Сафаров Ҳ.С. Баъзе андешаҳо перомуни таносуби мафҳумҳои «экстремизм», «фундаментализм», «радикализм», «натсионализм» ва «сепаратизм» // Осори Академия (Труды Академии). – Душанбе: «Шарқи озод». Вып. 4 (28). 2015. – С.33-40.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003 № 69.

5. Назарзода Ш.Р. «Муҳоҷирати аҳолӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои муосир: Нақши ҷомеа ва мақомоти давлатӣ дар мубориза бо чунин зуҳурот» // Санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва маводҳо оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). Маводхои конфронсу семинархои илми-амали Хуҷанд: Хуросон-2016 (саҳ-52).

6. Алхоч Амир Аббос Бобоназарзода. Куръони карим бо тарчума ва эзохот ба забони точики. Сураи «Нисо» ояти 104. Академияи Даъвати Донишгохи байналмилаллии Исломии Исломобод Покистон 1485 ҳиҷрӣ (2006 мелодӣ). Сах.-145.

7. Искандаров Қ., Назаров Н.Ҷ., Абдуллоев Р.С. «Решаҳо, сабабҳо ва моҳияти ифротгароӣ ва терроризм, омилҳои паҳншавии он» // Санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва маводҳо оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). Хуҷанд: Хуросон. 2016 (саҳ-59).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза барзидди терроризм (ифротгароӣ)» аз 16 ноябри соли 1999 № 845.

9. Воҳидов Ҳ.С. Терроризм ва экстремизм // Санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва маводҳо оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). Хуҷанд: Хуросон-2016 (саҳ-20).

10. Сафаров Х.С. Актуальные проблемы законодательного регулирования и квалификации терроризма (на материалах Республики Таджикистан и стран СНГ). - Душанбе, 2006.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 январи соли 2015. [махзани электронӣ] http://www.president.tj.

12. Шаҳидуллозода М. Терроризм ва ифротгароӣ проблемаи ҷаддитарини инсоният аст // «Қонуният» маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015 №6 саҳ-31.

13. Солеҳзода Ш.Н. Исботнамои ва ҷамъ овардани далелҳо бо парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба экстремизм ва терроризм // Санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва маводҳо оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). Хуҷанд: Хуросон. 2016. – С.79.

14. Назиров Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.1.- Душанбе: Ирфон, 2009. - С. 141.

15. Шаҳидуллозода М. Ҳолатҳои ошкор, пешгирӣ ва муайян кардани шомилшавии шаҳрвандон ба ташкилотҳои байналмилалии террористӣ ва экстремистӣ // Нашрияи ҳуқуқӣ-сиёсӣ «Инсон ва Қонун» моҳи майи соли 2015 №07 (157) саҳ-1.

16. Алхоч Амир Аббос Бобоназарзода. Куръони карим бо тарҷума ва эзоҳот ба забони тоҷикӣ. Сураи «Моида» ояти 32. Академияи Даъвати Донишгохи байналмилалии Исломии Исломобод, Покистон. 1485 ҳиҷрӣ (2006 мелодӣ). Саҳ.-259.

17. Паёми Президенти Чумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 январи соли 2015 [махзани электронӣ] http://www.president.tj.

18. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оиди ҷавобгарӣ барои терроризм» 02.10.2003 №18 ва Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ташкилотҳои экстремистӣ (ифротгароӣ)» аз 31.08.2007 №7.

## АЛОМАТҲОИ ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН

## ПРИЗНАКИ СУБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ ПРЕСТУПЛЕНИЯ ТОРГОВЛЯ ЛЮДЬМИ

## SIGNS OF THE SUBJECTIVE PARTY OF THE CRIME OF HUMAN TRAFFICKING

**ҲАЙДАРЗОДА МУРОД ПИРМАҲМАД**
*Адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (12.00.08), капитани милитсия*



**ҲАЙДАРЗОДА ЗАФАР ПИРМАҲМАД**
*Адъюнкти кафедраи ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Академияи идоракунии ВКД Россия (12.00.11), майори милитсия*



***Аннотатсия:*** Дар мақола аломатҳои тарафи субъекстивии ҷинояти савдои одамон бо пайдарҳамии хоса мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шуда, муаллифон кӯшиш намудаанд, ки меҳнати маҷбурӣ, истисмори иқтисодӣ, истисмори шаҳвонӣ, фоҳишагӣ, ғуломӣ,ва ғайраро ҳамаҷониба таҳлил намуда, мафҳуми комплексии тарафи субъективии ҷинояти савдои одамонро пешниҳод намоянд.

***Вожаҳои калидӣ:*** Тарафи субъективии ҷиноят, меҳнати маҷбурӣ, истисмори шаҳвонӣ, фоҳишагӣ, ғуломӣ, гуноҳ, ангеза, мақсад, ҳаяҷон.

***Аннотация:*** В статье рассмотрены признаки субъективной стороны торговли людьми. Авторы попытались всесторонне проанализировать такие категории, как принудительный труд, экономическая эксплуатация, сексуальное рабство, проституция, рабство и др., на основе чего предлагают авторское комплексное понятие субъективной стороны рассматриваемого преступления.

***Ключевые слова:*** Субъективная сторона преступления, принудительный труд, сексуальное рабство, проституция, рабство, вина, мотив, цель, эмоции.

***Abstract***: The article examines the signs of the subjective side of human trafficking. The authors tried to comprehensively analyze such categories as forced labor, economic exploitation, sexual slavery, prostitution, slavery, etc., on the basis of which they offer the author's complex concept of the subjective side of the crime in question.

***Keywords***: Subjective side of crime, forced labor, sexual slavery, prostitution, slavery, guilt, motive, purpose, emotions.

Тарафи субъективии ҷиноят - ин ҷанбаи дохилии (рӯҳии) шахси ҷинояткор буда, бевосита бо содиршавии ҷиноят алоқаманд аст, ки он танҳо ба воситаи таҳлилу баҳодиҳии рафтори шахси ҳуқуқвайронкунанда ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дарк карда мешавад [9, с.122-124.].

Тарафи субъективӣ ба мо имконият медиҳад, ки ҷинояти содиршударо дуруст бандубаст карда, таркибҳои бо ҳам монандро аз ҳам ҷудо намоем [11, с. 85-86]. Мазмуни тарафи субъективии ҷиноят бо ёрии аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷон (эмотсия) ошкор мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми гуноҳ ақидаи ягона мавҷуд нест. Як гурӯҳи олимон қайд менамоянд, ки гуноҳ - ин муносибати рӯҳии шахс нисбат ба ҷинояти содиршуда ва оқибати он мебошад, ки дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода меёбад [9, с. 124-125]. Дар қ.1 м.27 КҶ ҶТ бошад қайд карда шудааст, ки танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир кардааст [4].

Ҳамин тавр, гуноҳ аломати асосии тарафи субъективии ҳамаи ҷиноятҳо буда, ангеза ва мақсад бошад унсурҳои факултативии таркиби ҷиноят мебошанд. Вақте ки қонунгузор элементҳои факултативиро (ангеза, мақсад ва ҳаяҷон) ба шумури аломатҳои ҳатмии таркиби ҷинояти мушаххас дохил менамояд, онгоҳ онҳо ба ҳайси аломати ҳатмӣ табдил меёбанд. Чунончи, дар қ.1 м.130[1] КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои савдои одамон (хариду фурӯши одамон) пешбинӣ шудааст, ки аломати ҳатмии таркиби ин ҷиноят мақсад дониста мешавад.

Агар мақсад унсури асосии тарафи субъективии ҷинояти савдои одамон бошад, пас ангеза элементи факултативии он аст. Агар мақсад - ин тасаввурот дар бораи оқибате бошад, ки гунаҳгор ҳангоми содиркунии ҷиноят фарорасии онро хоҳад [9, с. 149], пас ангеза он майлу хоҳиши дохилиест, ки шахсро ба содир намудани ҷиноят водор месозад [2, с. 49].

Бедор кардани ангезаи шахс барои содир намудани ҷинояти савдои одамон ҳамчун ангезиш фаҳмида мешавад. Ангезиш ҳамчун раванди интихоб дар байни ҳаракатҳои гуногуни имконпазир барои ноилшавӣ ба мақсад эътироф мегардад. Ба ибораи дигар, «ангеза мақсаднок будани ҳаракатро муайян менамояд» [1, с. 14-21]. М.С. Каган инро ба инобат гирифта, дар афкори худ қайд менамояд, ки ҳар як фаъолияти мақсадноки субъект дорои ангезаи дохилӣ аст [3, с. 175].

Бинобар ин, ҷинояти савдои одамон бо ангезаи ғаразнок (ба даст овардани фойда, рашк, қасос, бахилӣ ва ғ.) содир карда мешавад, ки он барои бандубаст ягон аҳамият надорад, вале дар вақти таъини ҷазо ба инобат гирифта мешавад.

Профессор Ш.Т. Шарипов ва пайравони ӯ қайд менамоянд, ки мақсад аломати асосии тарафи субъективии ҷинояти савдои одамон буда, он аз ибораи суиистифода таркиб ёфтааст [11, с. 86]. Андешаи мазкур аз диспозитсияи м. 130[1] КҶ ҶТ бар меояд, ки дар он омадааст. Ҷинояти савдои одамон бо мақсади суиистифода (суиистифодаи фоҳишагарии дигар шахсон ё дигар шакли суиистифодаи шаҳвоният, кор ё хизматрасонии маҷбурӣ, ғуломӣ ё расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ, ҳолати ноилоҷӣ ё гирифтани узв ва (ё) бофта...) содир карда мешавад.

Дар ин ҷо истилоҳи суиистифода (истисмор) ба маънои васеъ истифода бурда шудааст, ки он метавонад ҳам бо подош ва ҳам ройгон амалӣ карда шавад [7].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» мафҳуми истисмор чунин шарҳ дода шудааст:

"Истисмор - ин истифодаи инсон ё меҳнати вай барои гирифтани фоидаи моддӣ ё дигар фоида аз ҷониби дигар шахсон ба воситаи қасдан ба вуҷуд овардан ва (ё) истифода бурдани ҳолати оҷизии инсон ва ё маҷбур

кардани инсон барои ба манфиати шахси истисморкунанда ё дигар шахсон иҷро кардани корҳо, хизматрасониҳо ё содир намудани дигар амалҳо, новобаста ба хусусияти музднокӣ ё ройгон будани онҳо, аз ҷумла машғул шудан бо фоҳишагӣ, хизматрасонии дигари дорои хусусияти шаҳвонӣ, машғул шудан ба гадоӣ, меҳнат ё хизматрасонии маҷбурӣ, ғуломӣ ё урфу одатҳои ба ғуломӣ монанд, вазъияти ноилоҷӣ, ғайриқонунӣ гирифтани узв ва (ё) бофтаҳои инсон, писархондии (духтархондии) ғайриқонунӣ бо мақсади тиҷорат, ҳамчунин ғайриқонунӣ истифода бурдани инсони дигар бо мақсадҳои репродуктивӣ ё дар таҳқиқоти биотиббӣ ва ё дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва (ё) низоъҳои мусаллаҳона ва ё дар дигар фаъолияти ҷиноятӣ ё зиддиҳуқуқӣ фаҳмида мешавад" [8].

Муҳаққиқ К.Ҳ.Солиев қайд менамояд, ки моҳияти истисморро ҳар як кирдоре, ки барои пахш намудани иродаи қурбонӣ равона карда шудааст ва имконияти аз ҷониби ӯ ба таври ихтиёрӣ интихоб намудани самти рафтори худро маҳдуд мекунад, ташкил медиҳад [10, с. 36-38].

Унсури асосии истисморро маҷбуркунӣ ташкил медиҳад. Маҷбур кардан ин ҳаракати шахсест, ки бидуни хоҳишу иродаи қурбонӣ ба амал бароварда мешавад. Чунин маҷбуркунӣ қодир аст ба иродаи қурбонӣ таъсир расонад.

Муносибати одамҷаллобон ва қурбониёни савдои одамон бо истисмори давомнок алоқаманд аст, ки он бо мақсади ба даст овардани фоида барои одамҷаллобон равона карда шудааст.

Истисмор ин ғайриқонунӣ маҷбур намудани шахс ба корҳои муайян ва ё барои расонидани хизматрасонӣ ҳангоме, ки ӯ бо сабабҳои аз иродааш вобаста набуда (омилҳои ҳуқуқӣ, ҷисмонӣ, психологӣ, ки ба ҳайси чораи маҷбуркунӣ истифода бурда мешавад) наметавонад аз иҷрои ин корҳо ва ё ҳизматрасонӣ саркашӣ намояд.

Истимор аломати ҳатмии савдои одамон ба ҳисоб меравад. Барои фаро расидани ҷавобгарӣ аҳамият надорад, ки ҷинояткор ба мақсади истисмор расид ё нарасид.

Аз мафҳуми дар боло овардашуда, намудҳои мушаххаси истисмори одамонро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Маҷбуркунӣ барои машғул шудан бо фоҳишагӣ бо шахсони дигар (на ба худи субъекти ҷиноят);
2. Маҷбуркунӣ барои машғул шудан ба хизматрасонии дигари дорои хусусияти шаҳвонӣ (бо дигар шахсон);
3. Ҷалб намудан ба меҳнати маҷбурӣ;
4. Ҷалб намудан ба хизматрасонии маҷбурӣ;
5. Ба ғуломӣ табдил додан;
6. Тадбиқи расму урфу одатҳои ба ғуломӣ монанд;
7. Маҷбуркунӣ барои машғул шудан ба гадоӣ;
8. Ба ҳолати ноилоҷӣ овардан;
9. Гирифтани узв ва (ё) бофта барои трансплантатсия;
10. Писархондии (духтархондии) ғайриқонунӣ бо мақсади тиҷорат;
11. Ғайриқонунӣ истифода бурдани инсони дигар бо мақсадҳои репродуктивӣ;
12. Ғайриқонунӣ истифода бурдани инсон дар таҳқиқоти биотиббӣ;
13. Ғайриқонунӣ истифода бурдани инсон дар воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва (ё) низоъҳои мусаллаҳона;
14. Ғайриқонунӣ истифода бурдани инсон дар дигар фаъолияти ҷиноятӣ ё зиддиҳуқуқӣ.

Ба дигар шаклҳои истисмор инҳо дохил мешаванд:

а) никоҳи маҷбурӣ (масалан, бар зидди хоҳишу ирода);

б) ҳолати расму русум (ритуалӣ) ё ҳолатҳои ба урфу одат асос ёфта (масалан, ҳар гуна шакли меҳнати маҷбурие, ки бо расму русум ва урфу одат асос ёфтааст);

в) урфу одатҳои истисморкунанда ва бераҳмонаи динӣ ва ё маданӣ, ки қадру қиммати одамро паст мезананд,

инсонро таҳқир мекунанд ва ё зарари ҷисмонӣ ё рӯҳӣ мерасонанд;

г) истифодаи занон ба ҳайси модари мавридӣ;

д) ҳомиладории маҷбурӣ.

Истисморкунанда метавонад воситаҳои гуногуни таъсиррасониро ба ҷабрдида истифода намояд. Бояд дар хотир дошт, ки тарзҳои таъсиррасонӣ метавонад хело нозук бошанд, мисол таҳдиди гузаронидан ба коре, ки шароитҳояш вазнин аст ё таҳдиди дар оянда ба кори хуб роҳ надодан ё маҳрум намудан аз ҷойи истиқомат ва ё воситаҳои рӯзгузаронӣ.

Дар ҳолати истисмор истисморкунанда фоидаи тозаи молиявӣ ба даст меорад. Қурбонӣ одатан дар зери назорати доимии истисморгар қарор дорад ва кор ё хизматрасониро маҷбуран ва ё бо интизори пардохт ба ҷо меорад, лекин истисморгар онро умуман пардохт намекунад ё пардохт мекунад хело кам ва ё беасос аз ҳаққи меҳнат маблағи муайянро барои худ боз медорад [10, с. 36-38].

Дар қонун ду намуди истимор (иқтисодӣ ва шаҳвонӣ) аз ҳамдигар ҷудо карда шудаанд.

Истисмори иқтисодӣ - ин истисмори инсон ё меҳнати вай бо мақсади гирифтани фоидаи моддӣ ё дигар фоида аз ҷониби дигар шахсон ба воситаи гузоштани ӯ дар асорати қарзӣ, ҳолати ғуломӣ ё истифода бурдан барои меҳнати ғуломона, меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ва ё дар ҳолати ба ғуломӣ монанд фаҳмида мешавад [8].

Ин чунин маъно дорад, ки ҷабрдида нисбат ба одамҷаллоб дар чунин вазъияте қарор дорад, ки аз ҷиҳати моддию молу мулкӣ вобаста аст. Чунин вобастагӣ мумкин аст дар натиҷаи гирифтани қарз, дар таъминоти пурраи моддӣ одамҷаллоб қарор доштан ба миён ояд. Ин намуди истисмор, ки як шакли истисмори умумиро ташкил медиҳад низ барои гирифтани фоидаи моддӣ ё дигар фоида равона карда шудааст ва он тавассути усулҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

а) гузоштани шахс дар асорати қарзӣ;

б) гузоштани шахс дар ҳолати ғуломӣ;

в) истифода бурдани шахс барои меҳнати ғуломона;

г) истифода бурдани шахс барои меҳнати маҷбурӣ;

д) истифода бурдани шахс барои меҳнати ҳатмӣ;

е) дар ҳолати ба ғуломӣ монанд нигоҳ доштани шахс ва ғайра [10, с. 38].

Истисмори шаҳвонӣ бошад ин гирифтани фоидаи моддӣ ё дигар фоида ба воситаи маҷбур кардани шахси дигар, аз ҷумла бо роҳи суиистифода аз ҳолати оҷизии ӯ ба расонидани хизмати дорои хусусияти шаҳвонӣ ё ба содир намудани дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, аз ҷумла, истифодаи ӯ барои машғул шудан ба фоҳишагӣ, иштирок дар чорабиниҳои намоишии дорои хусусияти шаҳвонӣ, тайёр кардани мавод ё предметҳои порнографӣ ва ё нигоҳ доштан дар ғуломии шаҳвонӣ фаҳмида мешавад [8].

Ин намуди истисмор низ як шакли истисмори умумиро ташкил медиҳад ва барои гирифтани фоидаи моддӣ ё дигар фоида равона карда шудааст ва он тавассути усулҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

1) Маҷбур кардани шахс барои расонидани хизмати дорои хусусияти шаҳвонӣ;

2) Маҷбур намудани шахс барои содир намудани дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, аз ҷумла:

а) истифодаи шахс барои машғул шудан ба фоҳишагӣ;

б) истифодаи шахс барои машғул шудан ба бачабозӣ;

в) қонеъ намудани нафси шаҳвонӣ бо роҳи ғайритабиӣ;

г) истифодаи шахс барои иштирок дар чорабиниҳои намоишии дорои хусусияти шаҳвонӣ;

д) истифодаи шахс барои тайёр кардани мавод ё предметҳои порнографӣ;

е) нигоҳ доштани шахс дар ғуломии шаҳвонӣ.

Чунин намуди истисмор мумкин аст бо роҳи суиистифода аз ҳолати оҷизии шахс содир карда шавад [10, с. 38-39].

Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳи марбут ба савдои одамон ва савдои ноболиғон” мафҳуми суиистифодаи фоҳишагӣ чунин шарҳ дода шудааст:

“Суиистифодаи (истисмори) фоҳишагӣ - ин маҷбуркунии ҷабрдида ба машғул шудан ба фаъолияти фоҳишагӣ бо шахсони дигар фаҳмида мешавад. Фоҳишагӣ - ин алоқаи шаҳвонии мунтазами мард ё зан бо ҳамҷинс ё ҷинсӣ дигар ба ивази мукофот мебошад.

Барои кирдори шахсро ҳамчун фоҳишагӣ шуморидан он бояд аломатҳои зеринро доро бошад: алоқаи мунтазами ҷинсӣ, пайванд набудани алоқаҳои шаҳвонӣ бо муносибатҳои никоҳӣ, ҷой доштани мизоҷони гуногун, ба даст овардани мукофоти дахлдор ҳамчун манбаи даромади каму беши пай дар пай. Бояд қайд намуд, ки алоқаи ҷинсии яккарата баҳри гирифтани мукофот фоҳишагӣ ҳисоб намешавад.

Дар зери мафҳуми дигар шакли суиистифодаи (истисмори) шаҳвоният аломатҳои бачабозӣ ва ҷимои зан бо зан, инчунин ҳама гуна ҳаракатҳое, ки бо мақсади қонеъ гардонидани ҳисси шаҳвонӣ, бидуни алоқаи ҷинсӣ содир карда шудаанд, баромад мекунанд” [7].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» мафҳуми меҳнати маҷбурӣ чунин шарҳ дода шудааст:

“Меҳнати маҷбурӣ – ин ҳама гуна кор ё хизматрасонӣ, ки аз ҷониби шахс, қатъи назар аз хоҳиш ва иродаи ӯ зери таъсиррасонии маҷбурӣ ва (ё) бо истифода аз ҳолати оҷизии ӯ иҷро мешавад, аз он ҷумла бо вайронкунии қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва меъёрҳои пардохти музди меҳнат, ҳифзи саломатӣ ва таъмини бехатарӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, амалӣ мешаванд” [8].

Таҳти мафҳуми “хизматрасонии маҷбурӣ”, расонидани ҳама гуна хизматрасонӣ бо роҳи маҷбуркунӣ фаҳмида мешавад (масалан, хизматрасонӣ ба ҳайси ронанда ё муҳофизатгар ва ғайра) [7].

Муҳаққиқ К.Ҳ. Солиев қайд менамояд, ки меҳнати маҷбур ин дар зери таҳдиди тадбиқи ягон намуди ҷазо талаб намудани иҷрои ҳар гуна кор ё хизматрасонӣ мебошад, ки барои иҷрои он шахс хизмати худро ихтиёрона пешниҳод накардааст. Масалан, корҳои таъмирӣ, сохтмонӣ, нақбканӣ ва ғайра, ки бо роҳи маҷбури иҷро мешаванд [10, с. 44-45].

Мувофиқи санадҳои байналмилалӣ оид ба манъ намудани меҳнати маҷбурӣ, махсусан, мувофиқи қ. 2 м.2 Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат аз 28 июни соли 1930, корҳои зерин ҳамчун меҳнати маҷбурӣ ҳисоб карда намешаванд:

а) ҳама гуна кор ё хизмат, ки иҷрои онҳо мувофиқи Қонун дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ талаб карда мешавад ва барои иҷрои корҳои хусусияти ҳарбидошта равона гардидаанд;

б) ҳама гуна кор ё хизмат, ки қисми уҳдадориҳои маъмули граждании шаҳрвандони давлати соҳибихтиёр мебошад;

в) ҳама гуна кор ё хизмат, ки иҷрои он дар натиҷаи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд талаб карда мешавад ва агар чунин кор ё хизмат таҳти назорат ва назоратбарии мақомоти давлатӣ, ки масъули назорати қонуният ҳангоми иҷрои ҳукми суд мебошанд, анҷом дода шавад ва шахси мазкур ба ихтиёри шахсони хусусӣ, компанияҳо ва ҷамоатҳо супорида нашавад;

г) ҳама гуна кор ё хизмат, ки иҷрои он бо сабаби вазъияти фавқулодда, яъне ҳангоми ҷанг ё дигар офатҳо ва ё таҳдиди ба вуқӯъ омадани чунин офатҳо талаб карда мешавад;

д) корҳои майдаи хусусияти ҷамъиятӣ дошта, ки бевосита барои фоидаи коллектив аз ҷониби аъзоёни ҳамин коллектив иҷро карда мешаванд, ба шарте, ки аҳолӣ ва ё намояндагони бевоситаи он ҳуқуқи иброз намудани ақидаи худро нисбат ба мақсаднокии чунин корҳо дошта бошанд [6].

Меҳнати маҷбуриро аз ҳолатҳои аз ҷониби корфармо вайрон намудани қонунгузорӣ дар бораи меҳнат фарқ намудан зарур аст. Мисол, саркашӣ аз пардохт намудани маоши ҳадди ақал, ки дар давлат муайян гаштааст, чун аломати меҳнати маҷбурӣ ба ҳисоб намеравад. Лекин агар корфармо барои тарк намудани ҷойи кор ба коргар монеагӣ кунад ва аз воситаҳои маҷбуркунии манъгардидаи қонун истифода барад дар ин ҷо, дар маҷмӯъ аломати меҳнати маҷбурӣ ҷой дорад [10, с. 44-45, 35].

Дар Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ғуломдорӣ аз 25 сентябри соли 1926 мафҳуми ғуломӣ чунин шарҳ дода шудааст. Ғуломӣ ин чунин вазъ ё ҳолати шахс мебошад, ки нисбат ба ӯ қисман ё ҳамаи салоҳиятҳо, ки ба ҳуқуқи моликият хос аст, ба амал бароварда мешавад [5].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» бошад мафҳуми ғуломиро чунин шарҳ додааст. Ғуломӣ - ин ҳолат ё вазъияти шахсе, ки нисбат ба вай новобаста аз розигии ӯ баъзе ё тамоми салоҳияти ба ҳуқуқи моликият хос буда татбиқ карда мешавад, аз ҷумла соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани инсон [8].

Қонуни мазкур се намуди салоҳиятро нисбат ба шахс, ки амали ғуломиро шаҳодат медиҳад, нишон додааст:

а) соҳибӣ намудан нисбат ба инсон;

б) истифода намудани инсон;

в) ихтиёрдори намудани инсон.

Дар мафҳуми ғуломӣ бисёр оқилона ибораи «новобаста аз розигии шахс, ғуломӣ ҷой дорад» ҷойгир карда шудааст, чунки шахс дар ин гуна мавридҳо дар вазъияте қарор дорад, ки имконияти интихоби рафтори худро надорад. Муҳимаш он аст, ки шахси дар ғуломӣ қарор дошта, аз иҷрои кор ё хизматрасонӣ саркашӣ карда наметавонад ва бидуни иродааш кор ё хизматрасониро иҷро мекунад.

Агар шахс имконияти воқеии бо иродаи худ иҷро нанамудани кор ё хизмат, тарк кардани ҷойи кор ё хизматрасониро бе таҳдиди барои ҳаёт, саломатӣ ё дигар ҳуқуқҳою манфиатҳои қонуниаш дошта бошад, он гоҳ ин аломати ҷинояти мазкур вуҷуд надорад.

Барои кирдори шахсро ҳамчун аломати ғуломӣ эътироф намудан хусусияти корҳои иҷромешуда (ҷисмонӣ ё зеҳнӣ, ки қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ ба роҳ монда мешаванд) аҳамият надорад. Муҳимаш он аст, ки корҳои анҷом додамешуда берун аз иродаи шахси иҷрокунанда ва ба таври маҷбурӣ дар амал тадбиқ карда шаванд.

Зери мафҳуми расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ бояд расму оини нигоҳдошташудае фаҳмида шавад, ки он шахсро моҳиятан дар вазъияти ғуломӣ мегузорад. Масалан, аз як шахс ба шахси дигар меърос гузаштани зан, ё бе розигии зан ӯро ба шавҳар додан ва ғайра [7].

Яке аз мақсадҳои дигари савдои одамон ин суиистифодаи ҳолати ноилоҷӣ мебошад. Таҳти мафҳуми ҳолати ноилоҷӣ, вазъият ё ҳолати шахсе фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи падида ё одатҳои ғуломӣ, савдои ғуломон ва расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ ба вуҷуд омадааст.

Профессор Ш.Т. Шарипов қайд менамояд, ки ҳолати ноилоҷӣ ба ғуломӣ баробар бошад ҳам, вале нисбат ба он хусусияти зӯровариаш камтар аст. Ҳолати ноилоҷӣ ин як намуди ғуломгардонии муосир мебошад, ки дар он шахс аз баъзе унсурҳои озодӣ истифода менамояд, вале ба меҳнати маҷбурӣ вобастагӣ дорад.

Корфармо нисбати шахсе, ки дар ҳолати ноилоҷӣ қарор дорад, намуд, шароит, вақти кор ва истироҳат, андозаи маош, ҷаримапулӣ ва дигар боздоштҳои пулиро муайян мекунад [11, с. 38-89].

Мақсади дигари суиистифода ин гирифтани узв ва ё бофтаҳо мебошад. Гирифтани узв ва ё бофтаҳо барои трансплантатсия - ин аз як организм гирифтани узв ва ё бофтаҳо ва дӯхтани он ба организми шахси дигар фаҳмида мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили унсурҳои асосӣ ва факултативии тарафи субъективии ҷинояти савдои одамон ба мо нишон дод, ки ин ҷиноят танҳо қасдона содир карда мешавад. Қасдона содир шудани ҷиноят он маъноро дорад, ки ҷинояткорон ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк намуда, фарорасии оқибати кирдорашонро хоста ва барои расидан ба он оқибатҳо кӯшиш менамоянд.

Одатан ҳангоми содир намудани ҷинояти савдои одамон қасд пешакӣ андешида мешавад. Профессор Т.Ш. Шарипов ва пайравонаш дар ин самт тадқиқот гузаронида ба хулосе меоянд, ки савдои одамон бо қасди ногаҳон ба вуҷуд омада, содир карда намешавад [11, с. 86].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки тарафи субъективии ҷинояти савдои одамон дар қасди бевосита ифода меёбад, яъне ҷинояткор дарк менамояд, ки ҷабрдидаро ҳамчун мол мехарад ё мефурӯшад, яъне савдо мекунад ва хоҳиш дорад, ки чунин кирдорро анҷом диҳад.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Верховский А., Папп А., Прибыловский В. Политический экстремизм в России. - М., 1996 - 358 с.
2. Ғаффорӣ Н.А., Ҳусейнзода С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қисми умумӣ. Мафҳумҳо дар нақшаҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. - 142 с.
3. Каган М.С. Человеческая деятельность. - М., 1974. - 328 с.
